ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ



E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №1 (266) 26 январи 2018, панҷшанбе (оғози нашр: соли 1994)



*Рустами ВАҲҲОБ*

## ВАТАН ГУФТАМ

*На сар гуфтам, на по гуфтам, на*
*ҷон гуфтам, на тан гуфтам,*
*Ватан гуфтам, Ватан гуфтам,*
*Ватан гуфтам, Ватан гуфтам.*
*Ҳазорон бор "мо" гуфтам*
*касе ҳамдил нашуд, аммо*
*Ҷаҳоне зидди ман шӯрид, агар*
*як бор "ман" гуфтам.*
*Ба оён дил ниҳодам, дидаву*
*дил бар аён бастам,*
*Ба ғурбат аз Ватан гуфтам,*
*ба хилват анҷуман гуфтам.*
*Ватан гуфтам, Ватан гуфтам,*
*Ватан гуфтам, Ватан гуфтам.*
*Ҷунунамро чу Маҷнун нозиши*
*саҳро надонистам,*
*Ватан гуфтам, Ватан гуфтам,*
*Ватан гуфтам, Ватан гуфтам.*
*Ба пойи Бесутун истодаму*
*аз Кӯҳкан гуфтам.*
*Ватан гуфтам, Ватан гуфтам,*
*Ватан гуфтам, Ватан гуфтам.*
*Забони шамъи табъам*
*гоҳ-гаҳ домони дил гирад,*
*Мабодо, ки пушаймон гардам*
*аз он ки сухан гуфтам.*
*Пушаймон нестам ҳаргиз,*
*сухан чун аз Ватан гуфтам.*
*Ватан гуфтам, Ватан гуфтам,*
*Ватан гуфтам, Ватан гуфтам.*

### ЧАРО ДАР ҶОМЕА ХУШУНАТИ ОИЛАВӢ ЗИЁД АСТ?



### ҲАЗЛҲО ДАР СОЛИ НАВИ 2018




### ЭҲЁ ГАРДИДАНИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ



### МАРДИ ҶӮЁИ ИЛМ



*Имрӯз қадри нуктаи мавзун намондааст,*
*Инсоф дар қаламрави гардун намондааст. Соиб*



# "ХУДОВАНДАГОРИ СУХАНИ ПОРСӢ" СОҲИБИ ҶОИЗА ШУД!



Китоби Зафар Мирзоев (Зафар Мирзоён), аъзои Иттифоқи нависандагон ва Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, зери унвони "Худовандагори сухани порсӣ", (Душанбе, нашрияи "Адабиёти бачагона", соли 2015, иборат аз 390 саҳифа), китоби сеюми муаллиф буда, дар миёни мардуми кишвар хонандагони бешумореро пайдо кардааст. Ӯ дар навишторҳои худ ба сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бахусус ба сиёсати густариши андешаи хештаншиносии миллӣ ва меҳанпарастӣ такя намудааст. Дар ин росто муаллиф, дар баробари даъват ба омӯзиши дурусти таърих, забон ва фарҳанги тоҷикон, қалами расои худро бар зидди дингароёни ифротӣ, пантуркистон ва дигар нотавонбинони асолати миллии тоҷикон равона кардааст.

Ин китоб бо дастгирии бевоситаи Кумитаи ҷавонон варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст ва бинобар ин ки мавзӯи нигаҳбонии ҳуввияти миллии тоҷикон, бозшинохти гузаштаи таърихии ин мардум, садоқатмандӣ ба марзу буми Ватани азиз, ҳунармандона инъикос ёфтааст, беш аз 100 нусхаи он дар миёни ҷузву томҳои Қувваҳои мусаллаҳи кишвар, барои мутолиа ва омӯзиш пешниҳод гардида буд.

Бо назардошти пахлӯҳои намоёни китоби "Худовандагори сухани порсӣ", эҷодкорӣ ва биниши тозаи муаллифи он дар вилоят моҳи декабр ба Ҷоизаи ба номи Носири Хисрав сазовор дониста шуд.



# ҲАСАН ҶОЙИ 1-УМРО НАСИБ ГАШТ ВА БА ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ РОҲХАТ ГИРИФТ!

Суфиев Ҳасан, донишҷӯи соли 4-уми ихтисоси молия ва қарзи факултаи молиявию иқтисодӣ дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба "Гуштини юнону румӣ" иштирок карда, дар вазни 55 кило сазовори ҷои аввал гардид ва бо дипломи дараҷаи 1-ум қадрдонӣ карда шуд ва барои ширкат дар чемпионати Осиё роҳхат ба даст овард.

Дар баробари ин, номбурда дар Чемпионати Ҷоми Ҷаҳон дар Ҷумҳурии исломии Эрон иштирок намуда, натиҷаи хуб нишон дод ва соҳиби диплом гардид.

Маъмурияти донишгоҳ ва факулта Суфиев Ҳасанро барои дастовардҳои бузургаш дар ҷамъбасти сол табрик гуфта, барои сабқатҳои оянадаш муваффақият хоҳонанд.

# ВОХӮРИИ РЕКТОР БО МАГИСТРАНТОН

Санаи 29.12.2017 дар толори илмию фарҳангӣ вохӯрии ректори донишгоҳ доктори илмҳои физика ва математика, профессор, Узви вобастаи АИ Абдулло Ҳабибулло бо магистрантон баргузор гардид. Нахуст, ректори донишгоҳ бо сухани ифтитоҳӣ баромад намуд ва чанд нуктае аз таҳсилу шароитҳои таълими магистантон баён дошт.



Дар вохӯрӣ омӯзгорон, мудирони кафедраҳо ва магистрантони солҳои 1 ва 2, инчунин ноиби ректор оид ба таълим Холиқов Сафар, ноиби ретор оид ба илм ва инноватсия Шарофат Худойдодова ва мудири шуъбаи магистратура Арафамо Даминова иштирок доштанд. Сипас, мудири шуъбаи магистратура Арафамо Даминова баромад намуда, дар бораи сатҳу сифати таълими магистрантон маълумоти хешро тавассути доскаи электронӣ пешниҳод карда чунин ибрози ақида кард: "Шуъбаи магистратура аз 1.11.2012 ташкил шуда, то имрӯз фаъолият карда истодааст, ки дар соли 2012 41 нафар, 2013 86 нафар, 2014 31 нафар, 2015 101 нафар, 2016 105 нафар ва 2017 ба 130 нафар расидааст, ки аз рӯи 14 ихтисос таҳсили илм намуда истодаанд".

Дар охири вохӯрӣ аз тарафи раёсати донишгоҳ ба магистрантоне, ки барои саҳми арзанда гузоштан дар пешрафти илми муосири ватанӣ ва иштироки фаъолона дар конференсияҳо, инчунин ба муносибати ҷамъбасти Соли ҷавонон бо ифтихорномаҳо қадрдонӣ карда шуданд.

Назрулло Шарипов, магистранти соли 2-юми ихтисоси кори бонкии факултаи молиявию иқтисодӣ ва Сулаймонов Убайдулло, магистранти соли 2-юми ихтисоси информатикаи факултаи физика ва математика барои саҳми арзанда гузоштан дар пешрафти илми муосири ватанӣ ва иштироки фаъолона дар конференсияҳо, инчунин ба муносибати ҷамъбасти Соли ҷавонон "Магистранти сол-2017" эълон гардида, бо ифтихорнома қадрдонӣ карда шуданд.

# ТАҶЛИЛ АЗ СОЛИ НАВИ МЕЛОДӢ ДАР ДОНИШГОҲ

Санаи 30.12.2017 дар толори фарҳангии донишгоҳ бо ташаббуси факултаи филологияи рус чорабинии идона бахшида ба таҷлили Соли нави мелодӣ баргузор гардид. Дар чорабинӣ омӯзгорон ва донишҷӯёну садорати донишгоҳ иштирок доштанд. Чорабинӣ аз қисматҳои гуногун иборат буда, бо шеъру тарона ба анҷом расид. Саҳми омӯзгорон ва донишҷӯёни факултаи филологияи рус дар баргузор намудани ин чорабинӣ хеле назаррас буд.



# МАҲФИЛИ "ОЛАМИ ИҚТИСОД" АМАЛ МЕКУНАД!

Дар таърихи 29.12.2017 дар факултаи молиявию иқтисодӣ маҳфили "Олами иқтисод" бо роҳбарии омӯзгори факулта Давлатов Гулаҳмад баргузор гардид. Маърӯзачиён Гулафзо Давлатова, донишҷӯи соли 3-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика дар мавзӯи "Терроризм ва ҷаҳонишавӣ" ва Дилноза Шоева, донишҷӯи соли 2-юми факултаи иқтисод ва идора дар мавзӯи "Тамоюли рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон" баромад намуданд. Дар охир маърузачиён аз тарафи декани факулта Мирсаидов Муҳаммадназим бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

# БАРГУЗОРИИ ҶАМЪИЯТИ ИЛМИИ ДОНИШҶӮЁН

Санаи 26.12.2017 дар толори фарҳангии донишгоҳ Ҷамъияти илмии донишҷӯён тахти унвони "Ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба давлатҳои рӯ ба тараққӣ" баргузор гашт.

Дар чорабинӣ ректори донишгоҳ доктори илмҳои физика ва математика, профессор, Узви вобастаи АИ Абдулло Ҳабибулло ширкат намуда суханронӣ карданд.

Дар ин ҳамойиш мутахассиси Маркази рушди касбият ва инноватсия Иззатов Умедҷон, ассистенти кафедраи журналистика Алишери Абдулмаҷид, ассистенти кафедраи забони англисӣ Мирмадова Мартаба ва докторанти (PHD) соли 1-уми факултаи химия, биология ва география Абдуҷаббори Абдулаҳад баромад ва суханронӣ намуданд. Дар рафти чорабинӣ як қатор масъалаҳои глобалӣ мавриди баҳс ва таҳлил қарор дода шуда, ҷиҳати боз ҳам ба таври хуб амалӣ гардидани равандҳои ҷаҳонишавӣ пешниҳодҳои мушаххас намуданд. Чорабинӣ бо саволу пешниҳодҳо хотима ёфт.



# ХАЙРИ ФАКУЛТАИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДӢ

Санаи 29.12.2017 бо ташаббуси факултаи молиявию иқтисодӣ ва кафедраҳои он барои тамоми донишҷӯёне, ки дар хобгоҳи №3-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва хобгоҳи Коллеҷи омӯзгорӣ зиндагӣ мекунанд, хӯроки оши палав омода намуда, хона ба хона тақсим карданд. Мақсад аз ташкили ин амали хайр дар он аст, ки садорати донишгоҳ ҳамеша ба донишҷӯён кӯмак мекунад.

*Қадри шеъри тар чи медонанд ноқистинатон,*
*Оби ҳайвон бар замини шӯра пошидан чаро? Соиб*



# ИҚТИБОСҲО АЗ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Мо ҷонибдори низоми ҷаҳонии одилона, бидуни ҷангу низоъ, густариши ҳамкориву шарикии баробар ва судманди ҳамаи кишварҳои олам, таъмини амнияти ҷаҳониву минтақавӣ бо роҳи созишу муколамаи созанда бар асоси Ойинномаи Созмони Милали Муттаҳид мебошем.

XXXX

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолияти худ ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ дониста, ҷонибдори таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарии мардумони минтақа бар пояи дӯстӣ ва ҳусни эътимод мебошад.

XXXX

Миллати тоҷик соҳиби ойину суннатҳои бостонӣ ва фарҳанги қадима буда, дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштааст.

Суннату ойинҳои нек ва ҷашнҳои миллии мо, мисли Наврӯз, Меҳргон ва Сада дар тӯли таърих барои тарғиби ахлоқу маънавиёти созанда хизмат кардаанд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки дастовардҳои маънавию моддии мардуми шарифи мо ба феҳристи умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гарданд ва нақши тамаддунсози миллати тоҷикро минбаъд низ боло баранд.

XXXX

Тайи ду соли охир татбиқи "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" амалӣ гардида, тадбирҳои афзалиятноки давраи аввали он ба "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" ворид шудаанд ва нишондиҳандаҳои маҷмӯии рушди иқтисодӣ асосан иҷро гардида истодаанд.

Барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда дар ин давра аз ҳисоби буҷети давлатӣ зиёда аз 36 миллиард сомонӣ ҷудо гардида, дар солҳои 2018-2020 ба ин мақсад равона сохтани қариб 70 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

XXXX

Соли ҷорӣ нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар дар сатҳи устувор нигоҳ дошта шуда, суръати рушди воқеии иқтисодиёт ба 7 фоиз ва ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 60 миллиард сомонӣ баробар гардид.

Тибқи дурнамо дар се соли минбаъда ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ зиёда аз 30 фоиз афзоиш ёфта, то ба 82 миллиард сомонӣ расонида мешавад.

XXXX

Дар соли 2017 маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ нисбат ба соли гузашта 12 фоиз ва дар муқоиса бо нишондиҳандаи пешбинишудаи барномавӣ 8 фоиз зиёд гардида, даромади пулии аҳолӣ 10 фоиз афзоиш ёфт.

Рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла саноат 21,5 фоиз, кишоварзӣ 7,2, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ беш аз 6, савдои чакана 6,6 ва хизматрасонии пулакӣ 1,8 фоиз таъмин гардида, таваррум дар сатҳи 6,3 фоиз нигоҳ дошта шуд.

Қисми даромади буҷети давлатӣ, дар маҷмӯъ, иҷро шуда, ҳаҷми буҷети соли 2018 ба маблағи 21,3 миллиард сомонӣ ва назар ба соли 2017-ум 7,3 фоиз зиёд муайян гардид.

Ҳарчанд ки дар 11 моҳи соли 2017 содирот нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 35,4 фоиз афзоиш ёфта, воридот 10 фоиз кам шудааст, вале ин нишондиҳанда моро қонеъ карда наметавонад, зеро ҳоло ҳам қисми зиёди маҳсулот бе коркарди ниҳоӣ содирот карда мешавад.

XXXX

Дар панҷ соли охир маблағгузории соҳаҳои маориф аз буҷети давлатӣ 2,3 баробар ва тандурустӣ 2,1 баробар зиёд шуда, соли 2017 нисбат ба соли 2016 мутаносибан 16 фоиз ва 25 фоиз афзоиш ёфтааст.

Бо дарназардошти рушди иқтисодиёти мамлакат ва имкониятҳои имрӯзаи молиявӣ аз 1-уми сентябри соли 2018 музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ зиёд карда мешавад.

Аз ҷумла, музди меҳнати кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ 15 фоиз, инчунин, музди меҳнати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 10 фоиз зиёд карда мешавад.

Ҳадди ақал ва ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯи синну сол ва нафақаи заминавӣ, инчунин, нафақаҳои меҳнатии шаҳрвандон ба ҳисоби миёна то 15 фоиз, стипендияи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия 15 фоиз зиёд карда мешавад.

XXXX

Танҳо дар зарфи солҳои 2016-2017 содироти маҳсулоти маъдан дуюним баробар афзуда, ҳиссаи он зиёда аз 45 фоизро ташкил додааст.

XXXX

Барои бунёди нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" соли 2017-ум аз ҳамаи манбаъҳо 4 миллиарду 700 миллион сомонӣ харҷ гардид ва дар соли 2018 ба ин мақсад қариб 5 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Илова бар ин, ҳоло барои навсозии системаи энергетикии кишвар ва бунёди инфрасохтори зарурии содироти он татбиқи 7 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 8,1 миллиард сомонӣ идома дошта, дар маҷмӯъ, барои рушди соҳа беш аз 21 миллиард сомонӣ (яъне 2 миллиарду 400 миллион доллари амрикоӣ) равона гардидааст.

XXXX

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи то соли 2030 ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ лоиҳаҳои давлатии сармоягузориро бо ҷалби беш аз 12 миллиард сомонӣ амалӣ гардонидааст.

XXXX

Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ фаъолияти гурӯҳи корӣ вобаста ба санҷиши сифати маҳсулоти воридотӣ дар 196 ширкати тиҷоратӣ нишон дод, ки ба кишвар ҳамасола 500-600 тонна бозичаҳои гуногун аз 20 давлати дунё ворид мешаванд, ки 90 фоизи онҳо аз рӯи сифат ба талаботи бехатарӣ мувофиқ нестанд ва ба саломатии кӯдакон зараровар мебошанд.

XXXX

Дар панҷ соли охир беш аз 10 ҳазор техникаву таҷҳизоти кишоварзӣ ба маблағи 570 миллион сомонӣ ворид карда, барои ин дар ҳаҷми беш аз 200 миллион сомонӣ имтиёзҳо татбиқ гардиданд.

XXXX

Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин, муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад.

Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир дар Тоҷикистон низоми соддакардашудаи раводид барои шаҳрвандони 80 кишвари ҷаҳон ҷорӣ гардида, шабакаи ягонаи электронӣ ба кор андохта шудааст.

Тибқи арзёбии созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳоло Тоҷикистон аз лиҳози низоми соддаи гирифтани раводиди навъи сайёҳӣ дар руйхати панҷ кишвари пешсафи ҷаҳон мавқеи чорумро ишғол менамояд.

Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шавад.

XXXX

Соли 2017 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо ҷиҳати сохтмон ва азнавсозии муассисаҳои таълимӣ зиёда аз 400 миллион сомонӣ сарф гардида, 24 ҳазор ҷойи нишаст муҳайё карда шуд.

Соли 2018 ин раванд идома ёфта, маблағҳои буҷети давлатӣ ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба ин самт равона карда мешаванд.

Инчунин, бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон "Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020" қабул гардид.

XXXX

Мувофиқи назарсанҷие, ки созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ доир ба кишварҳои рӯ ба инкишоф анҷом додаанд, соли 2017 Тоҷикистон аз рӯи 4 нишондиҳанда: дастрасӣ ба таҳсилот, сифати таҳсилот, сармояи инсонӣ ва қобилияти рақобати он дар миёни 101 давлати ҷаҳон ҷойи 54-умро соҳиб шудааст.

Аз рӯи ин таҳлил Тоҷикистон дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол менамояд.

XXXX

Барои ин, мо бояд нишондиҳандаҳои таъмини сифатро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо стандартҳои ҷаҳонӣ наздик созем, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо субъектҳои бозори меҳнат густариш бахшем, дараҷаи рушди низоми инноватсияи миллӣ ва нишондиҳандаҳои азхудкунии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро беҳтар гардонем.

Зеро сифати омодасозии мутахассисони оянда аз ҳамин омилҳо вобастагӣ дошта, имкон медиҳад, ки мо дар соҳаи маориф ба натиҷаҳои боз ҳам бештар ноил гардем.

Дар робита ба ин, Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати дониши хонандагону донишҷӯён, омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ тадбирҳои иловагӣ андешида, ба масъалаи баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, ифтихори ватандорӣ ва дар рӯҳияи инсонпарварӣ тарбия намудани насли навраси кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намояд.

XXXX

Мо ба раванди солимгардонии маъюбон, дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакони ятиму бесаробонмонда, оилаҳои камбизоат ва дастрасии онҳо ба хизматрасонии тиббиву иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, дар ин самт ҳамаи тадбирҳои саривақтиро амалӣ карда истодаем.

Масалан, маблағгузории хона - интернатҳои ятимон, маъюбон ва пиронсолон дар як сол ба як бошанда 21 ҳазор сомонӣ ва хонаи кӯдакон ба як кӯдак 15 ҳазор сомонӣ рост меояд, ки нисбат ба соли 2010 мутаносибан чор ва дуюним баробар зиёд мебошад.

XXXX

Боиси қаноатмандист, ки ҷавонони бонангу номус ва боиродаи мо ҳамчун нерӯи созанда дар маъракаҳои муҳимми давлативу ҷамъиятӣ фаъолона иштирок карда, дар корҳои ободонӣ ва бунёдкорӣ ҳиссаи сазовор гузошта истодаанд.

XXXX

Ҳарчанд ки дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат аз соли 2011 то 2016-ум беш аз 1400 иншооти варзишии нав бунёд гардида, қариб 1100 иншоот таъмиру таҷдид шудааст, вале мо бояд дар оянда низ ба бунёди майдонҳо, иншооту толорҳои варзишӣ ва рушди минбаъдаи инфрасохтори соҳаи варзиш диққати ҷиддӣ диҳем.

XXXX

Бо вуҷуди чунин вазъ, дар арсаи байналмилалӣ то ҳол таърифи ягонаи мафҳумҳои "терроризм" ва "террорист" вуҷуд надорад, ки ин ҳолат ба истифодаи меъёрҳои дугона ва духӯрагиву гуногунфаҳмиҳо мусоидат карда истодааст.

Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашаддӣ ва ислоҳгаро ё хубу бад ҷудо кардан мумкин нест. Баръакс, тавре ки ман борҳо таъкид намуда будам, террорист ватан, дин, мазҳаб ва миллат надорад.

Зуҳуроти терроризм ба суботу амнияти кураи замин хавфу хатари бениҳоят зиёд дорад.

XXXX

Танҳо дар давоми 10 соли охир қариб 1300 ҷинояти дорои хусусияти коррупсионии вобаста ба замин содир шудааст.

XXXX

Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату якпорчагии мардуми шарафманди тоҷик имкон дод, ки мо маҷрои рушди иқтисоди миллиамонро ба куллӣ тағйир диҳем, барномаҳои нави давлатиро қабул кунем, сохтори давлатдориамонро, ки асоси онро принсипи адолати иҷтимоӣ ташкил медиҳад, таҳким бахшем, иқтидорҳои нави истеҳсолиро ба кор андозем, сокинони мамлакатро дар тамоми фасли сол бо нерӯи барқ таъмин кунем ва барои рушди минбаъдаи соҳаҳои ҳаётан муҳимми кишвар шароит ва заминаи мусоид фароҳам оварем.

*Таҳияи «Анвори дониш»*

# Шеъри рӯз



*Иззатманд САЛОМИЁН*

*Рӯзе расад, ки кӯҳ бипурсад зи коҳ узр?*
*Аз навкарони содиқи худ подшоҳ узр*
*Доя барои сардии меҳраш зи тифлакон*
*Қозӣ зи ҳукми оҷилаш аз бегуноҳ узр?*
*Оё бувад ки қотили мошинсавори маст*
*Пурсад шабе зи ғуссаву андӯҳу оҳ узр*
*Рӯзе расад ки соҳиби кошонаҳои шаҳр*
*Пурсад зи марди бекасу бесарпаноҳ узр?*
*Оё бувад ба хотири чашмони интизор*
*Абри сиёҳҷурда бипурсад зи моҳ узр...*
*Бар қадри ҳар кӣ мо нарисэдем, маъзарат*
*Ҳар миннате ки карда зи шаб то пагоҳ, узр*
*Аз ҳар муқими шаҳр, ки дар асл бенавост*
*Бигзашта гар надодаам нақде сиёҳ, узр*
*Яъсе ба чашм дидаму таскин надодамаш*
*З-ӯ бардурӯғ ба дур фикандам нигоҳ, узр*
*Гӯше ки интизори шуниди сипос буд*
*Нодида худ гирифта гузаштам зи роҳ, узр*
*Наштофтам ба кӯмаки уфтода, маъзарат*
*Аз раҳнишоннадодани гумкардароҳ, узр*
*Аз ҳар кӣ дасти ӯ нагирифтам ба рӯзи сахт*
*Бехонаро надодам агар ман паноҳ, узр*
*Боре агар ба шухии беҷой, табъи дӯст*
*Мо тира кадаем ба ногоҳу гоҳ, узр*
*Гар шоди шод будаам дар рӯзи сахти кас*
*Ангушти тавба мегазам аз иштибоҳ, узр*
*Гар ман ҳасуд будаам боре зи бахти кас*
*Бигзар Худой аз карамат, з-ин гуноҳ, узр…*
*Ҳам, эй сагони дайдуи айёми кудакӣ*
*Сангам агар расида яке бегуноҳ, узр*
*Гар бар шумо зи хони падар дон надодаам*
*Гунҷишкакони гушнаи он тирамоҳ, узр...*

# ЧОР ҲИКМАТ

### ҲИКМАТИ ЯКУМ

Ба сари кӯчае рафтам, ки пирмарде аз он хориҷ мешуд. Гуфт:

- Ба ин роҳ марав, ки сари роҳ баста аст. Гуш накардаму рафтам. Вақте ба сари кӯча расидам, пир шуда будам.

Мантиқ: Умр хеле кӯтоҳ аст. Умр ба монанди киштиест дар баҳр, ки оҳиста ҳаракат карда, тез мегузарад. Амали хайр лозим аст!

### ҲИКМАТИ ДУЮМ

Нафаре ба дӯсташ занг заду гуфт:

- Дӯстам, ман ба 1000 сомонӣ эҳтиёҷ дорам ва агар дошта бошӣ, бидиҳӣ? Дӯсташ гуфт:

- Ҳозир на, аммо бегоҳ ба қаҳвахона биё медиҳам. Бегоҳ шуд ва дубора ба дӯсташ занг зад, то дар қаҳвахона будан ва ё набуданашро пурсад, аммо телефони дӯсташ хомӯш буд. Ноилоҷ ба қаҳвахона рафт ва дӯсташро дар он ҷо нишаста ёфт. Бо ғазаб ба сӯяш рафт ва гуфт:

- Агар пул надоштӣ, мегуфтӣ, аммо чаро телфонатро хомӯш мекунӣ? Дӯсташ гуфт:

- Бубахш, ман телфонамро хомуш накардам, балки онро барои шумо фурӯхтам, то эҳтиёҷотатро бароварда намоӣ.

Мантиқ: Муҳим пул нест, балки меҳру муҳаббат нисбат ба дӯстон аст. Дӯсти ҳақиқӣ онест, ки вақте пурсӣ "Рафтем" ӯ дар ҷавоб нагӯяд, ки "Ба куҷо?".

### ҲИКМАТИ СЕЮМ

Яке аз асҳоби киром нақл мекунад, ки ҳамроҳи Расули Худо будем. Бар фарози кӯҳе рафтем. Он ҷо дарае дар чашмандози мо қарор дошт. Он ҷо нигоҳам ба ҷавоне афтод, ки ба ҷаронидани гӯсфандон ва шӯбонӣ машғул буд. Аз ҷавониаш хушам омад. Ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтам:

- Ё Расулаллоҳ! Чӣ ҷавоне! Кош ҷавонии ин фард дар роҳи Худо сарф мешуд.

Расули Худо фармуданд:

- Чӣ медонӣ? Шояд дар роҳи Худо сарф мешавад ва ту намедонӣ?

Расулуллоҳ он ҷавонро садо кард ва аз ӯ пурсид:

- Эй ҷавон, оё касеро дорӣ, ки ба ӯ расидагӣ кунӣ ва харҷашро бидиҳӣ ва таҳти такаффули ту бошад?.

Гуфт:

- Оре.

Ҳазрат пурсиданд:

- Ӯ кист?

Гуфт:

- Модарам.

Расули Худо салаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:

- Хуб аст, бирав ва мувозиби ӯ бош, зеро ки биҳишт зери пои модар аст.

### ҲИКМАТИ ЧОРУМ

Мегӯянд рӯзе Искандар аз мушовирони худ пурсид, ки чӣ гуна бар мардуме, ки нисбат ба мардуми кишвари худам донотар ва оқилтаранд, ҳукумат кунам?

Яке аз мушовирон гуфт:

- Китобҳояшонро бисӯзон, бузургон ва хирадмандонашонро бикуш ва дастур бидеҳ, ки занонашонро таҷовуз кунанд.

Аммо яке аз дигар мушовирон (ба қавле Арасту) посух медиҳад:

- Ниёзе ба чунин коре нест. Аз миёни мардуми он сарзамин онҳоеро, ки намефаҳманд ва камсаводанд, ба корҳо ва вазифаҳои бузург баргузин. Ва онҳое, ки оқил ва босавод ҳастанд, ба вазифа ва корҳои кӯчак интихоб кун. Бесаводҳо ва нофаҳмҳо ҳамеша шукргузори ту хоҳанд буд ва ҳеҷ гоҳ тавони туғён нахоҳанд дошт. Оқилон ва босаводҳо низ ё ба сарзаминҳои дигар кӯч мебананд, ё хаста ва сархӯрда умри худро то лаҳзаи марг дар гӯшае аз он сарзамини дар бало гирифтор, сипарӣ мекунанд. (АЗ ҲАР ЗОВИЯ)

*Таҳияи*
*Ҷаҳонгир РУСТАМ*

*Дунё ба аҳли хеш тараҳҳум намекунад,*
*Оташ амон намедиҳад оташпарастро.* Соиб



*Ҷумъахон АЛИМӢ, профессор*
*Сафаров МУНИР, дотсент*
*омӯзгорони ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# ТАБДИЛИ ПЕДАГОГ БА АНДРАГОГ

Дурнамои таълими педагогҳо дар шароити таҳсилоти ғайрирасмӣ, расмӣ ва дохилирасмӣ ба дастрасии сифатан баланди маълумот нигаронида шудааст, ки метавонад салоҳиятнокии касбиро беҳтар намояд, омӯзгорро дорои малакаю қобилиятҳои мушаххастар гардонад, хатмгаронро рақобатпазиртар намуда, барои ба зинаҳои баландтари касбӣ баромадан мусоидат кунад.

Дар таҳсилот ҳамонанди дигар соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ тағйироту таҳаввулоти муайян сурат мегирад: моделҳои таҳсилот, ки 3 дараҷа (зина)-ро фаро мегирад (бакалавриат, магистратура, докторантура (таҳсилоти расмӣ); -раванде, ки воқеан ҳам тӯли тамоми ҳаёт сурат мегирад ва дар он ҳар як шахс дорои ақидаю андешаҳо, арзишҳо, малакаҳо, донишҳо аз доираи таҷрибаи ҳаррӯза гашта, муяссар ба таъсироти таҳсилотӣ аз зарфияту захираҳои муҳити худ мегардад - шурӯъ аз оила ва ҳамсояҳо, кору фаъолият ва машқу бозиҳо, муносибатҳои бозаргонӣ, китобхона ва Васоити ахбори омма (таҳсилоти ғайрирасмӣ); фаъолияти алоҳида ва қисмати моҳиятии фаъолияти нисбатан васеътар, ки ба субъекти таҳсил ва татбиқи таълим мусоидат менамояд (таҳсилоти дохилирасмӣ).

Ин тағйироту таҳаввулот ташаккули омӯзгори (педагоги) навро тақозо менамояд, ки на танҳо вазифаҳои таълимӣ-тарбиявиро тақозо мекунад, балки шахсеро, ки метавонад ба тағйиротҳои бозори меҳнат, талаботи ҷомеаи тағйирёбанда ва таҳаввулоти он аксуламал нишон дода тавонад, мусоидат намояд.

Замони муосир тавсеаи таҷрибаи нақшофаринии педагог мушоҳида ва муоина карда мешавад. Дар баробари нақшҳои суннатию анъанавӣ (педагог-ташкилгари фаъолияти таълимӣ, педагог-тарбиятгар ва педагог-мураббӣ), дар омӯзгорон (педагогҳо) зуҳури зарурати иҷроиши чунин нақшҳо, аз қабили тютор, модератор, медиатор ва фасилитатор ба миён меояд. Табдили нақшҳои педагог вобаста ба "таъсироти омилҳои берунӣ ва дохилӣ, навгониҳои дохили соҳаи касбӣ мебошанд, ки дар он ҷо проблемаҳои таҳсилоти расмӣ, ғайрирасмӣ ва дохилирасмӣ, траекторияҳои инфиродии таҳсилоти педагог муҳиму арзишмандтар мегарданд.

Нақшҳои нави педагоги муосирро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки идеяҳои инноватсионӣ ва бархӯрдҳоро дар фаъолияти таҳсилотӣ ва психологӣ-педагогии он фаро мегирад. Андешаю ақидаҳои мутааддид оид ба проблемаи фаъолияти тюторӣ мавҷуд аст. Тютор - мураббӣ, миёнҷӣ (миёнарав), шахсест, ки ҳалли мустақилонаи проблемаҳоро меомӯзонад (онҳоро ба вазифаҳо мубадал мегардонад); ин мавқеъ аст, ки раванди худомӯзиро ҳамсафарӣ ва дастгирию мусоидат менамояд ва ҷустуҷӯи инфиродии таҳсилотӣ мебошад; фарҳангест, ки дар таърих ба тариқи мутавозӣ фарҳанги омӯзишу таълим ва таҳсилро ташаккул медиҳад.

Мунтаҳо, фаъолияти тюторӣ дар шароити муосири рушди низоми таҳсилотӣ маънию моҳияти васеътар мепазирад. Тютор инсонро дар роҳи молику соҳибшавӣ дар азхудкунии фаъолияти нав раҳнамоӣ карда, дар фазои таҳсилотии муассисаи таҳсилотӣ дар натиҷаи таъйин ва таҳкиму тақвияти он аз ҷониби гурӯҳи муайяни муҳассилин ва ё дар натиҷаи интихоби тютор тавассути худи муҳассил ҳосил мешавад.

Якчанд навъи тюторӣ фарқ карда меистад: - тютори таълимӣ ба машқу тамриндиҳӣ (репетиторӣ) машғул аст. Объекти фаъолияти он гурӯҳи муайяни муҳассилини муассисаи таҳсилотӣ аст, ки зимни фаъолияти таҳсилотӣ ба мушкилию мураккабиҳо рӯ ба рӯ мегарданд; - Тютор дар фаъолияти тадқиқотӣ дар раванди азхудкурии технологияи нави фаъолияти муҳассилин мусоидат карда, дар ташаккул ва пешкашу муаррифӣ намудани натиҷаҳо (озмунҳо, конфронсҳо) кумак мерасонад; - Тютор дар фаъолияти лоиҳавӣ ҳамроҳ бо муҳассилин технологияи таҳияи лоиҳаҳоро азхуд мекунад, гузориши масъала, биниши проблемаро дар ҷомеа кумак карда, ҳамчунин вариантҳои роҳу шеваҳо ва воситаҳои ҳаллу фасли онҳоро ҷустуҷӯ мекунад; - Тютор - продюсери амалияҳои таълимӣ ва иҷтимоӣ буда, фаъолиятро оид ба санҷишу таҷриба ва озмоишҳои касбӣ, экскурсияҳо ба корхонаҳо, вохӯриҳо бо мутахассисони касбҳои гуногунро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, рӯзҳои кушоди мактабҳо ва рӯзи муассисаҳои таҳсилоти олиро дар мактабҳо ташкил мекунад; Тютор-психолог фазою муҳити роҳату форами муҳассилини муассисаи таҳсилотӣ ва педагогҳоро ташкил мекунад; - Тютори худтаъйинкунии касбӣ муҳассилинро барои ба даст овардани ҳадафҳо, натиҷаҳои изҳоршуда шавқманд мекунад.

Кору фаъолияти тютор дар муассисаи таҳсилотӣ аз рӯи зинаю дараҷаҳои таълим фарқ карда меистад: муассисаи таҳсилотии ибтидоӣ, асосӣ ва пурраи умумӣ. Аз ин рӯ дар омоданамоии касбии педагогҳо бояд ба тариқи хоса вижагиҳои психологӣ-педагогии муҳассилини синну соли гуногун баррасӣ ва омӯхта шаванд. Ба ин амал чунин фанну предметҳо мусоидат мекунанд: "Психологияи рушд", "Педагогикаи синнусолӣ", "Психологияи синну соли томактабӣ", "Психологияи кудакони синну соли мактабӣ", "Психологияи синну соли наврасӣ", "Таъсироти педагогии иштирокдорони раванди таълим" ва ғайра.

Ба ақидаю андешаи олимону муҳаққиқони педагогика Н.С. Сердюкова, Е.В.Посохина, Л.В.Серих, ҳамсафарии тюторӣ: - дар муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ кумаку ёрӣ ба муҳассили хурдсол дар бошуурона дарку фаҳм намудан ва татбиқи шавқмандии маърифатию зеҳнӣ зоҳир мешавад; - дар муассисаи таҳсилоти асосӣ 2 модели ташкилиро фаро мегирад: ҳамсафарии тютории лоиҳаҳои инфиродии таълимӣ ва ҳамсафарии тютории хатсайрҳои таълимию маърифатии кудакона (саёҳатҳо, иттиҳодияҳо); - дар муассисаи таҳсилотии пурраи умумӣ аз чорчӯбаи муассисаи таҳсилотӣ берун мебарояд (коромӯзӣ ва амалияю таҷрибаҳои иҷтимоӣ дар олами фаъолияти калонсолон.

Ба шаклҳои ташкилии ҳамсафарии тютории муҳассилин маҳсубанд:-гурӯҳи тютории байнисиннусолӣ, ки иборат аз якчанд гурӯҳҳои атрофи тютор муттаҳидгашта мебошанд (синфҳои 6-8-уми муассисаи таҳсилотӣ). Ҳамсафарии тютории муҳассилин асосан атрофи маҷмӯи портфолио ва муаррифии кори худ зоҳир мешавад. Вазифаи мураккаби татбиқи ҳамсафарии тютории гурӯҳ проблемаи интегратсияи ҳамсафарии тюторӣ ва фазои таълимию маърифатии муассисаи таҳсилотии наврасон мебошад; Синфи (гурӯҳи) ҳамсафарии тюторӣ вазъу ҳолати ҷалбу ҷазби наврасро ба азхудкунии барномаи ҳамсафарии тюторӣ фароҳам меорад, ки ҳамчун азхудкунии предметияти муҳиму арзишманд бо таваҷҷӯҳи хоса ба маҷмӯи портфолио ва татбиқи лоиҳаҳо тавъам мебошад. Ҳамсафарии тюторӣ дар 2 зина татбиқ мегардад: ҳамсафарии инфиродии тютори шахсӣ (фардӣ) ва ҳамсафари синф, дар маҷмӯъ синфи тюторӣ. Самаранокии модели мазкури ҳамсафарии тюторӣ алоқаманд аст: бо ҷудонамоии мавқеи хосаи миёнаравии "тютори синф"; ташаккули ҳамсафарии тюторӣ ҳамчун қаринаи ҳаёти синф; коркарди якчанд тютории ҳодисавию хотиравии таърихҳои инфиродӣ, таърихи гурӯҳ ва таърихи синф; -маҳфили хатсайрҳои таълимӣ-маърифатӣ (саёҳатҳо) дар асосу заминаи экспедитсияҳои мушаххас (амали маърифатӣ, саволи зеҳнию маърифатӣ) ва ҳамчун варианти эҳтимолии ҳаёти он ба роҳ монда шуда, ҳамчун ҷудошавии таркибу ҳайати якум ва интихоби нав баъди гузарондани муаррифӣ сурат мегирад. Ташкил ва созмондеҳии ҳамсафарии тюторӣ иборат аз чунин вижагиҳо мебошад: 1)шакли маҳфилии ташкилӣ; 2)баррасиҳо ба сифати сарчашмаҳои дилхоҳ ташкилотҳое, ки ба фаъолияти таълимӣ (масалан, осорхонаҳо) ва ҳам дилхоҳ навъи фаъолияти дигар машғулбуда (мағоза, клуби варзишӣ, қисмҳои оташнишонӣ ва ғайра, марбутанд; 3)мавҷудияти марҳилаи экспедитсионӣ - сафари воқеӣ (ва ё ғайривоқеӣ-виртуалӣ) ба сарчашмаҳои мувофиқи шавқу завқи худ интихобшуда, ки зимни он ҷамъовари ҳадафмандонаи маълумот аз рӯи нақшаи қаблан кашидашуда сурат мегирад; 4)мавҷудияти гурӯҳи ҳамсолон, ки бо онҳо баъзе шабоҳату монандиҳои шавқу завқ ва манфиатмандиҳою макони умумии экспедитсия мувофиқат мекунанд.

Биноан, дар массисаҳои таҳсилотии миёнаи умумии оммавӣ ба ҳадаф мувофиқ аст, ки ҳамзамон якчанд модулҳои ташкилии татбиқи ҳамсафарии тюторӣ бо назардошти имконоти муассисаи таҳсилотӣ (кадрӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва ғайра) мавҷуд бошад.

Нақши дувуми педагог бо модретсия алоқаманд аст, ки ҳамчун яке аз навъҳои ҳамсафарии инсон баробар бо машваратдиҳӣ, супервизия сурат мегирад. Мутахассисе, ки раванди идоракунии амалкарди мутақобила бо гурӯҳро ба уҳда дорад ва масъули риояти меъёру муқарраротро аз ҷониби иштирокдорон дар гурӯҳ вобаста ба рафтору муносибатҳо мебошад. Модератсия ҳамчун дигар шаклу навъҳои ҳамсафарӣ дорои вижагиҳои муайяну хоса мебошад: ба проблемаи мушаххас нигаронида шудааст ва ба ҳамкорӣ (кооператсия) равона аст; назорати расмӣ ва арзёбиро мустасно мегардонад; воситаҳои фаъолиятро фаро мегирад, ки роҳҳои ҳаллу фасли проблемаҳоро дар гурӯҳ нишон медиҳад; эҷоду фароҳамории фораму роҳати психологиро барои субъектҳои фаъолияти касбӣ дар худ таҷассум мекунад.

Дар замони муосир модератсия - ин технологияи босамар аст, ки афзоиши натиҷа ва сифати раванди таълиму маърифатро таъмин ва мусоидат мекунад. Самаранокии модератсия бо он муайян карда мешавад, ки ба роҳу шева, методҳо ва шаклҳои ташкили фаъолияти таҳлилӣ ва рефлексивии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии муҳассилин нигаронида шудааст, рушди малакаҳои тадқиқотӣ, лоиҳавӣ ва рушди қобилиятҳои муоширатӣ (коммуникатсонӣ) ва қобилиятҳои кор дар даста (гурӯҳ)-ро мусоидат мекунад.

Мониторинги ҷараёни тарбиявӣ нишондодҳои муташаккилияти дараҷаю сатҳи тарбиятдидагии муҳассилинро фаро мегирад:

1) муносибати мотиватсионӣ-арзишӣ нисбати шахсияти худ ва муҳити атроф;

2) низоми арзишмандиҳо, ки дар самту соҳаҳои гуногуни шавқу завқ ва манфиатмандиҳо зоҳир мешаванд;

3) зинаю дараҷаи рушди ақлонию зеҳнӣ, доираи манфиатҳои маърифатӣ;

4) зинаю дараҷаи муташаккилияти фарҳанги маънавию ахлоқӣ;

5) зинаю дараҷаи рушди малакаҳои муоширатӣ (коммуникатсионӣ);

6) ҳадафмандии шахсият (ба худ, дар худ, дар муошират, ба муошират, ба кор, дар кор);

7) зинаю дараҷаи муташаккилияти малакаҳои амалиётӣ (малакаҳои ташкилотчигии шахсият).

Рефлексия (бозтобӣ). Бошурона дарк кардани донишҳои нав, малакаҳо, сифатҳо ва арзишҳо, таҳлили интиқодии иттилооту маълумот, генератсияи посуххо дар даъватҳои муҳити атроф, ҳамчунин хударзёбӣ, арзёбии рафтори худ, нақши худ, саҳми худ дар раванди кори гурӯҳӣ, тасҳеҳи фаъолияти худ дар асосу заминаи талабот ва эҳтиёҷоти гурӯҳ - аломату нишонаи ҳатмии таҳсилоти муосир аст.

Нақши савум ҳамчун сифати муҳими касбии шахсияти педагог баромад мекунад - фасилитатсия, ки маънии "сабук намудан", "мусоидат кардан"-ро дорад, дар низоми муосири таҳсилотӣ барои ошкорнамоии нақш ва муҳимияти педагог хелу муносибу мувофиқ аст.

Ба андешаи муаллифон И.И.Черкасова, Т.А.Яркова, педагог-фасилитатор: - мустақилият ва масъулияти муҳассилинро зимни интихоби курсҳои таълимӣ, зимни муайян намудани ҳадафҳои таълим, воситаҳои муваффақшавӣ зимни арзёбии натиҷаҳои меҳнати худ таъмин менамояд; -шароитҳои мувофиқу мусоид барои таълими мустақилона ва бошуррона таъмин менамояд; -амалкарди мутақобиларо ангезиш медиҳад, дар кори таълимӣ ҳавасманд мегардонад.

Фасилитатсия - ин ташкили касбии фаъолияти гурӯҳи муҳассилин мебошад, ки ба коркарди ҳаллу фасли вазифаҳо ва муваффақшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда аст. Дар асосу заминаи фасилитатсияи педагогӣ инҳо ҷой доранд: ташаккул ва эҷоди муҳими инсондӯстонаи тарбиявӣ, ки ба муваффақшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда дар раванди дастгирии муҳассилин мусоидат мекунад; - амалкарди мутақобилаи субъектҳои раванди таълимӣ-маърифатӣ, ки ба кушодашавии қобилиятҳои ҳар як муҳассил равона гаштааст; - Технологияи фасилитатсияро метавон ҳамчун раванди коркард ва идоракунии сохтори гурӯҳӣ баррасӣ ва арзёбӣ намуд; нерую тавоноии гурӯҳӣ, неруҳои ҳаракатдиҳанда ва қобилиятҳои гурӯҳӣ; - муҳити ҷисмонӣ ва рӯҳию равонӣ; -натиҷае, ки ба гурӯҳ барои беҳтар гаштан кумак мекунад.

Фасилитатсия ҳамчун вазифаи педагог самаранокии гурӯҳиро афзоиш медиҳад ва барои кумаки гурӯҳӣ барои таъмини ҳадафҳои умумии он ва вазифаҳои хоса равона гаштааст;- идоракунии муҳокимаю мубоҳисаҳои гурӯҳӣ ва нигоҳдошти он дар самти муайян; -дастгирию кумаки иштирокдорон дар арзёбии малакаи онҳо ва коркарди малакаҳои нав, идоракунии динамикаи байнишахсии худӣ; - педагог-фасилитатор таҳкиму тақвияти самаранокии таҳсил ва рушди субъектҳои раванди касбӣ-педагогиро аз ҳисоби услуби хосаи муошират ва шахсияти педагог мусоидат мекунад.



Омӯзиш ва ошкорнамоии муҳимияти нақшҳои фавқуззикр дар низоми омоданамоии педагогҳо дар чунин асосу заминаҳо анҷом мегирад: -таҳсилоти расмӣ дар доираи муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ, тавассути фанҳои педагогии "Муқаддимаи касб", "Муқаддимаи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ", "Муқаддимаи фаъолияти психологӣ-педагогӣ", "Педагогикаи умумӣ", "Психологияи умумӣ ва таҷрибавӣ"; -таҳсили ғайрирасмӣ, ки берун аз доираи фазои махсуси таҳсил сурат мегирад, ки дар он ба тариқи мушаххас ҳадафҳо, методҳо ва натиҷаи таълим дар муассисаи таҳсилотӣ ва ё созмонҳои ҷамъиятӣ, клубу маҳфилҳо, зимни машғулиятҳои инфиродӣ, ҳамчунин курсҳои гуногуни иловагӣ, тренингҳо, барномаҳои кутоҳу мухтасар, ки ба муҳассилин дар давраи омодагии касбӣ пешкаш карда мешаванд. Аммо ба педагогҳои фаъол дар марҳилаи фаъолияти меҳнатӣ пешниҳод мегарданд. Чунин курсҳо барои муҳассилин инҳоянд: "Волонтёрӣ дар фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ", "Тренинги мушоҳидакории касбӣ", "Тренинги рушди шахсиятӣ", "Амалкарди мутақобилаи иҷтимоӣ-педагогӣ дар ҷомеаи таҳсилотӣ", "Ҳамсафарии тюторӣ дар фаъолияти касбии педагог", "Модератсия дар фаъолияти педагог" ва "Педагог-фасилитатор дар таҳсилот"; - таҳсилоти дохилирасмӣ, ки он ҷо педагоги оянда маҷмӯи муайяни донишҳо, малакаҳоро тавъам дар раванди худи ҳаёт, фаъолияти муштараки ҳаётӣ мегирад: равандҳои меҳнатӣ, ҷашну идҳо, боздид аз театрҳо, муошират бо муҳити атроф, дар оилаю хонавода, намоишҳои оммавӣ, сафарҳои саёҳатӣ (туристӣ). Мақоми хосаро дар таҳсилоти дохилирасмии муосир низоми Васоити ахбори омма (садою симо, интернет, синамо, мусиқӣ ва ғайра) ишғол мекунанд. Дар таҳсилоти дохилирасмӣ нақши калидиро худомӯзӣ доро аст, биноан, вазифаи омӯзгори муассисаи таҳсилоти олӣ баровардани муҳассили худ ба зинаю дараҷаи амалкарди мутақобила тавассути худомӯзӣ ва вориднамоии он ба фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва тадқиқотӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, табдили педагог ба андрагог дар шароити таҳсилоти расмӣ, ғайрирасмӣ ва дохилирасмӣ омоданамоии педагог ба репертуари нави касбӣ-нақшӣ (педагог-тютор, педагог-модератор ва педагог-фасилитатор) зоҳир мешавад. Барои иҷроиши фармоиши иҷтимоии ҷомеа ва худи педагогҳо коркарди илман асосноки дурнамои фаъолият оид ба омоданамоӣ, ҳамсафарӣ ва дастгирии омӯзгорон-педагогҳо зарур мебошад. Сухан на фақат дар бораи коркард ва вориднамоии шаклҳои муносибу мувофиқи ташкилӣ, набзҳои технологӣ ва шеваю усулҳои кор бо кадрҳои педагогӣ меравад. Дар робита ба мулоҳизаҳои фавқуззикр зарурати воқеӣ омӯзиши вижагиҳои имконоти андрагогӣ ва тюторӣ, модераторӣ, медиаторӣ ва фасилитаторӣ тавассути педагогҳои минбаъда ва педагогҳои амалӣ мебошад.

*Дидани по хуштар аз болу пари товусро,*
*Айби худро дар назар беш аз ҳунар дорем мо.* Соиб



## *Бахшида ба 72-солагии адабиётшинос, номзади илми филология, дотсент Содиқов Ёралӣ*



*Шамшоди ЧАМШЕД,*
*докторант, ассистенти кафедраи адабиёти тоҷик бо методикаи таълими он*

# МАРДИ ҶӮЁИ ИЛМ



Содиқов Ёралӣ 5.01.1945 дар деҳаи Нонҷемаси ҷамоати деҳоти Пахтакори ноҳияи Восеъ дар оилаи деҳқон таваллуд ёфтааст. Солҳои 19951-1958 дар мактаби зодгоҳ хонда давоми таҳсилро дар мактаби рақами 16-и ҷамоати Даҳана давом додаст. Солҳои 1961-1966 факултети забон ва адабиёти тоҷики Институти давлатии омӯзгории Кӯлобро хатм карда, ҳамон сол ҷонишини директори мактаби ҳаштсолаи ба номи Титови ноҳияи Ёвон ба кор фиристода шудааст. Аз ноябри соли 1966 то декабри соли 1967 дар сафи қувваҳои мусаллаҳ хизмат кардааст. Аз январи соли1968 то августи 2000 дар Донишкадаи давлатии Кӯлоб роҳеро аз ассистент то дотсент тай кардааст. Солҳои 2000 то 2007 дар литсейҳои тоҷикӣ-туркии Кӯлоб ва Душанбе муаллими забон ва адабиёти тоҷик будааст. Аз июли соли 2007 то январи 2015 мушовири илмии директории Муассисаи давлатии осорхонаҳои Кӯлоб будааст. Аз феврали соли 2015 инҷониб дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики ДДК ба номи А. Рӯдакӣ мебошад.

Аз ибтидои фаъолияти корӣ дар баробари омӯзгорӣ ба кори илмӣ низ машғул гардидааст. Аз ибтидои соли 1971 унвонҷӯи Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон ва соли 1976 аспиранти рӯзонаи шуъбаи адабиёти советии тоҷики ҳамин институт будааст. Зери роҳбарии Академики АИ РСС Тоҷикистон, профессор Раҷаб Амонов дар мавзӯи "Ташаккул ва таҳаввули жанри повест дар адабиёти бачогонаи тоҷик" 17 сентябри соли 1981 рисоли номзадӣ дифоъ кардааст. Мақолаҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва публиситии ӯ дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ, маҷмӯаҳои илмии Кӯлоб ва Душанбе ба чоп расидаанд. Миқдори умумии онҳо аз сад номгӯй зиёд аст. Инчунин, иштирокчии конференсияи умумииттифоқӣ дар мавзӯи "Тасвири ҳаёти сотсиалистӣ дар адабиёти советӣ" дар шаҳри Николаеви РСС Украина (ноябри соли 1978), Маҷлиси якҷояи шӯрои адабиёти бачагонаи СССР ва РСС Қазоқистон дар шаҳри Алмаато (майи соли 1985) ва Маҷлиси машваратии мунаққидони адабиёти бачагонаи советӣ дар шаҳри Москва (декабри соли 1985) мебошад.

Самти асосии тадқиқотҳои ӯ масъалаҳои адабиёти бачагона мебошад. Дар баробари ин, оид ба эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Носеҳи Кӯлобӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайн мақолаҳо ба чоп расонидааст. Ҳамчунин, мақолаҳои ӯ оид ба эҷодиёти Мирсаид Алии Ҳамадонӣ дар маҷмӯаҳои илмии Тоҷикистон ва Эрон рӯи чоп омадаанд. Вай яке аз муҳаррирони осори дуҷилдаи Мирсаид Алии Ҳамадонӣ "Ганҷи ирфон" буда, ба дигар маҷмӯаҳо ва ин шахсияти бузург алоқаманд низ муҳаррирӣ кардааст.

Содиқов Ёралӣ имрӯзҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии Донишгоҳ ва шаҳр иштироки фаъолона дорад. Дорандаи медали ҷашнии "100-солагии таваллуди В. И. Ленин" (1970), Аълочии маорифи Тоҷикистон мебошад.

Дар ҳақиқат, устод Содиқов Ёралӣ яке аз адабиётшиносони шинохтаи кишвар маҳсуб ёфта, саҳми арзандаи худро дар ин ҷода гузоштааст. Ростқавлӣ, поктинатӣ ва олиҳимматӣ барин хислатҳо дар замири он кас ҷилвагар мебошад. Содиқов Ёралиро ҳанӯз аз давраи донишҷӯӣ мешинохтам ва эҳтироми махсус низ доштам. Аммо чун бо он кас дар як ҷо ба кор шурӯъ кардам, муҳаббатам зиёдтар ва эҳтиромам самимитар гардид. Тули се сол мешавад, ки бо ин шахси фозил ҳамрозу ҳамсуҳбат гардида, он касро чун идеали худ медонам. Мехоҳам ин ҷо чанд таъкиди ҳамешагии устодро ёдовар шавам, ки барои ҷӯяндагони илм манфиатовар мебошад: 1. Мо бояд аз омӯхтани илм нагурезем ва дар сурати сарсарӣ таҳсил кардан ба он барфе табдил хоҳем ёфт, ки дар натиҷаи боридани зиёд монанди тарма моро зер хоҳад кард; 2. Инсоне, ки вуҷудаш аз илму маърифат пур аст, ба замини сернаме монанд аст, ки агар об ба болои он равад, ба макони худаш мерасад. Агар инсон илм надошта бошад, чун замини хушкшуда маҳсуб меёбад. 3. Мо бояд ҳамеша ба дигарон некӣ кунем, зеро некӣ кардан занҷирест, ки гузаштаро ба имрӯз ва имрӯзро ба оянда мепайвандад, чунон ки ба ман некӣ карданд ба ман бояд барои дигар кунам.

Дар ҳақиқат, зиндагии ин шахс бароям дарси ибрат гаштааст. Чун сухан аз зиндагии устод рафт, мехоҳам аз оилаи он кас ҳарфе гуфта бошам. Ҳалимӣ, қавиродагӣ ва хоксорӣ барин хислатҳо дар симои ҳамсафари устод - холаи Майрамбӣ дида мешавад. Барои кашола надодани сухан ҳикояеро мухтасар аз зиндагии устод меорам: "Як рӯз ҳамроҳи оилаам барои меҳмонӣ ба сафар баромадем, иброз медорад устод Содиқов Ё., - Вақте ки ба он деҳа расидем, роҳи хонаро наёфтем. Дар ин вақт мебинам, ки муаллима (оилааш) дар болои санге нишаста ба гиристан даромад. Ҳайрон шудаму пурсидам, ки аз наёфтани роҳи хона гиря мекунӣ? Дар ҷавоб гуфт, ки не, ман барои ин намегирям, балки барои он мегирям, ки мардум дар чунин хонаю ҷойи фақирона зиндагӣ мекунанду ман бошам гоҳо аз зиндагӣ норозӣ мешавам". Яъне ин аз олиҳимматии ин зани поктинат дарак медиҳад.

Имсол аз умри бобаракати устод Содиқов Ёралӣ 72 сол пур мешавад, ки наздики 50 соли он бо холаи Майрамбӣ сипарӣ карда, фарзандони солимақлу дурандешро ба воя расонидаанд.

Таманнои онро дорам, ки устод дар зиндагӣ ҳамеша хушбахту сарбаланд бошанду раҳнамои мо ҷавонон гарданд. Ва аз забони шоир Абдулҳақ Қаландар гуфтаниям:

*Хоҳам, ки ба тахту*
*бахт бошад,*
*Дар ҳалқаи хонаводаи хеш,*
*Бо зӯру тавони худ тарошад,*
*Рахти сафаре ба* **тешаи хеш.**
***
*Хоҳам, ки бубинад умри Саъдӣ,*
*Дар илму амал мақоми Ҷомӣ.*
*Дар субҳи сафо дуо бихонад,*
*Бар аҳду вафои некномӣ.*

***Зодрӯз муборак устоди азиз!***



*Ҷаҳонгир РУСТАМ*

# ҚАДРИ ОЛИМ ВА ЗИЁИЁНИ СОХТА

Бузургтарин офаридаи Худо Муҳаммад (дуруд бар ӯ) вобаста ба манзалати олимон чунин гуфта: "Олимон дар миёни халқ амини (амонатдор) худоянд. Олим ва толиби илм дар хайр шариканд". Аз ин бар меояд, ки қадру манзалати олимон хеле болост ва мо инсонҳои оддӣ инро бояд ҳатман бидонем. Ҳурмату эҳтироми олимон барои ҳар як фард шарт ва зарур аст. Ҳадиси дигаре низ ҳаст, ки: "Ё олим бош, ё дар хизмати олим ва ё дар сӯҳбати олим". Олимон ба монанди китобхона ҳастанд ва сӯҳбат бо онҳо маънои онро дорад, ки чандин китобро мутолиа кардаӣ.

Имрӯз ҳар кас даъвои олимӣ дорад, аммо бехабар аз он ки мардум олими хуб ва ҳақиқиро муайян мекунад, на олими дорандаи дипломy ҷоизаву мукофотҳои сохтаро. Шоири ҷавони тоҷик Комрони Аслон дар ин мавзӯъ як байти хеле олӣ дорад:

*Падарам гарчи надорад унвон,*
*Соҳиби ҷоизаи ИНСОН аст.*

Ба андешаи инҷониб ва Комрони Аслон баландтарин мартаба ва унвон ба маънои томаш **ИНСОН** будан аст. Инсон будан хеле мушкил аст, зеро бештари амалҳои мо аз доираи инсонгарӣ фарсахҳо дур аст.

Аз рӯи мушоҳидаҳо имрӯз зиндагии олимон он қадар хуб нест. Ҳамеша эҳтиёҷманданд, ҳоло он ки бояд беҳтарин зиндагӣ зиндагии олим бошад, зеро ҳидоятгару ба роҳи рост равон кардани оламон маҳз олимонанд. Агар дар ҷомеа олимон набошанд, зиндагии одамон аз зиндагии олами вуҳуш ҳеҷ фарқ намекунад.

Камина профессореро медонам, ки китоби арзишманде чоп намуд ва аз сабаби ба фурӯш набаромадани он қарздор шуда, хонаашро фурӯхту қарзашро пардохт кард ва ҳоло дар иҷора зиндагӣ дорад. Ин хеле аламовар аст. То ҳоло кам сарватмандонеро медонем, ки барои чопи китоби олиме мусоидат карда бошанд. Ҳатто баъзе олимон дар як шароити хеле бад вафот мекунанд. Воқеан ҳам, вақте ки олим зиндагии шоиста надорад, боиси таассуф ва дилсӯзист.

Аммо як гурӯҳи "олимон" зиндагии хеле хуб доранд, зеро онҳо дар симои олим танҳо тоҷирро мебинанду халос. Дар миёни доираҳои илмӣ вобаста ба ин гуна ашхос чунин андеша чарх мезанад, ки: "Онҳо олим не, балки бизнесмен ҳастанд!" Дар як суханрониашон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин гурӯҳ ишора карда гуфта буданд: "Баъзе олимон бизнесмен шудаанд. Корашон фақат китобфурӯшӣ бо нархҳои ҳангуфт." Олими ҳақиқӣ бошад, дар иҷора зиндагӣ карда, дар бадтарин шароит мемирад.

Қадри зарро заргар медонад, мегӯянд. Камбахтона, ҷоҳилон дар ҷомеа зиёд шудаанд, ки аз онҳо эҳтиромро интизор шудан аблаҳист. Онҳо на қадри олимро медонанду на китобро. Дар ҷое, ки ҷоҳилон зиёд шаванд, олимон хор мегарданд.

Ҳамеша фикр мекунам, ки бо ин зиёиёни сохта оянда чӣ мешуда бошад? Менделеев хеле пеш гуфта буд, ки донишро ба дасти ҷоҳил додан маънои додани шамшер ба дасти зангии мастро дорад. Боиси таассуф аст, ки имрӯз дониш дар дасти бештари чунин ҷоҳилон аст. Шояд дар ҳар давру замон олимон ҳамин гуна зиндагӣ дошта буданд. Саноии бузург низ чанд аср пеш хеле ин манзараро хуб тасвир кардааст:

*Эй мусулмонон надонам то чи даврон омадааст,*
*Ин чи бедодиву бадбахтӣ ба халқон омадаст.*
*Ин чи бедодиву бадбахтӣ дар олам, ки муставлӣ шудаст.*
*Аз барои ҷабру зулму бори исён омадаст.*
*Авратон бешарм гашта кӯдакон бас беадаб.*
*Лофу кизбу беҳаёӣ, бенамозӣ кори эшон омадаст.*
*Илмро қадре намонда олимонро ҳурмате.*
*Вақти танбуру рубобу ною анбон омадаст.*
*Олиме аз дар дарояд бо ҳазорон илму фазл.*
*Таънаҳо созанд, ки муфлис аз паи нон омадаст.*
*Золиме аз дар дарояд бо ҳазорон ҷабру зулм.*
*Хона ороянд, ки ӯ аз пеши султон омадаст.*
*Дар замонаш неъмату мурғи кабоб оранду пеш.*
*Ки фалон ибни фалон имрӯз меҳмон омадаст.*
*Олимонро хор доранд золимонро бас азиз.*
*Лоҷарам бар халқ меҳнат ҳамчу борон омадаст.*
*Ту Саноиро биёмурз, эй Карим аз фазли хеш.*
*З-он, ки ин дунё бар ӯ Валлоҳ, ки зиндон омадаст.*

Ин андешаи шахсии муаллиф аст. Шояд дигарон дар ин мавзӯъ фикри фарқкунанда дошта бошанд. Хулоса, олим бояд дар беҳтарин шароит зиндагӣ кунад ва дар беҳтарин хона бимирад!

*Зи нуқсони басират томеъонро нест парвое,*
*Ки чашми кӯр гардад косаи дарюза соилро.* Соиб

Анвори дониш
№1 (266) 26 январи 2018

## ТААССУРОТИ ДОНИШҶӮЙИ АФҒОН АЗ ДОНИШГОҲ

# НИГОҲЕ БА ЯК МИЛЛАТИ ҲАМЗАБОН



*Муҳаммадраҳим ХУРОСОНӢ, донишҷӯи соли 3-юми факултаи омӯзгорӣ*

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли 2014 аввалин донишҷӯёни афғони худро бо оғӯши боз пазируфт ва дар охири соли таҳсили соли ҷорӣ аввалин донишҷӯёни хориҷии худро ба хатми муваффақонаи давраи чорсоли таҳсил ба ҳайси кадрҳо ва мутухассисин тақдими ҷомеаи инсонӣ мегардонад.

Дар хатми соли таҳсили ҷорӣ якчанд донишҷӯён аз Ҷумҳурии исломии Афғонистон ва як донишҷӯи туркман аз Ҷумҳурии Туркманистон ифтихори аввалин форуғ таҳсилони Донишгоҳи давлатии Кӯлобро ба ҳайси донишҷӯёни хориҷӣ бо худ ба ватанашон хоҳанд бурд.

Дар асри муосир таҳсил дар хориҷа аз орзуҳои қашанги илмомӯзони ҷавон аст. Бахусус донишомӯзоне, ки дарвраи таълимию тарбиявии мактабро муваффақона сипарӣ менамоянд ва хоҳиши идомаи таҳсил доранд, вале бадбахтона, на ҳама ба ин орзуи қашангашон мерасанд. Барои илмомӯзӣ роҳии хориҷа мешаванд.

Ман аз овони навҷавонӣ, бахусус синфи 12-уми мактаб, ки будам, шабу рӯз ягона орзуям ин буд, ки битавонам баъди хатми мактаб барои идомаи таҳсил ба хориҷ аз кишвар сафар кунам ва бо илмомӯзӣ ба мушоҳидаи халқу миллатҳо ва кишварҳои дигар ҷаҳонбинии худамро вусъат бахшам. Хушбахтона, дар соли 2015-и мелодӣ бо дарёфти бурсияи таҳсили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин орзуям расидам.

Гоҳе дар зиндагӣ касоне пайдо мешаванд, ки Худовандвор моро барои расидан ба орзуҳоямон ёрӣ мерасонанд ва дастгириямон мекунанд, ки дар ин хусус мо донишҷӯёни афғоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил дорем мамнуну мадюни дастгириҳои Пешвои миллати бузурги маданиятофари тоҷик ва раисҷумҳури Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастем, ки бо тақдими Квотаҳои Президентӣ замимаи таҳсилро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё намуданд. Чунон ки шоҳид ҳастед, Афғонистон аз чандин даҳа ба ин сӯ бо ҷанги гарм ва сард дасту панҷа нарм мекунад ва гирифтори ноамниҳои қудратҳои бурузги ҷаҳонӣ гардидааст, ки миллати афғон ҳар рӯз бе ҳеҷ далеле қурбонӣ мешаванд. Як теъдоде аз ҷавонони афғон бо ҳазорон найрангу фиреб бо гурӯҳҳои мофияи террористӣ ҷалб гардида, боиси табоҳии худ ва миллати худ мегарданд ва як теъдоди дигар ҳам дар бозори пурошӯби ноамни Афғонистон бесарнавишту хаста саргардонанд.

Бо вуҷуди он ҳама ошуфтагиҳо, ноамниҳо ва хатарҳои гуногуни террористӣ ва экстремистӣ, ки кишарҳои ҷаҳонро таҳдид мекунад, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мо ҷавонони афғон эътимод намуда, бо оғӯши гарми пур аз меҳру муҳаббат пазируфт ва ба мо имконияти таҳсилро дар Тоҷикистон дод. Қалбан сипосгузор ва муташаккирам

Аз овони наврасият то ҳол ман фақат як қаҳрамон дар зиндагиям доштам ва ин қаҳармон ва улгӯи ман Маҳатма Гандӣ буд. Бахусус, баъд аз мутолиаи китоби "Ҳамаи мардум бародаранд". Ин марди бузург бо пос доштани бузургтарин арзишҳои умумибашарӣ, бахусус бо муборизоти маданӣ-сиёсӣ бидуни хушунати худаш арзишҳои бас бузурги дар соҳаи муборизоти сиёсӣ эҷод ва ба ёдгор гузошт.

Ман унвони қаҳрамонро ба қаҳрамон ба муқаддастарин ашхосе, ки баъзеашон худро аввал ва охир хилқат ва сабабгори офариниши ҳастӣ хондаанд, надодаам ва намедиҳам. Иллаташ ин аст, ки таърих зулму ситаму ҷинояти ин худ муқаддасхондаҳоро фаромӯш накарда ва ҳеҷ гоҳ ҳам фаромӯш нахоҳад кард.

Бояд эътироф кунам, ки ман акнун як қаҳрамон ва як улгӯи дигар ҳам дар зиндагиям дорам ва ин қаҳрамони ман Пешвои миллати бузурги тоҷик, роҳбари тоҷикони ҷаҳон, раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастанд.

Бо чашмони худ дидам, ки ин марди шариф гавҳораи кӯдакеро, ки модараш бар асари офати табиии сел вафот кардааст, меҷумбонид ва навозиш мекард. Он рӯз натавонистам ҷиллои резиши ашки чашмонамро бигирам ва орзу кардам, ки эй кош мо ҳам чунин раиси ҷумҳур медоштем. Ҳар қадар суханрониҳо ва супоришҳову ҳидоятҳояшонро нисбат ба омӯзиши илм мешунавам, бештар мухлиси ин марди бузург мешавам. Мубориза дар баробари терроризми ҷаҳонӣ ва таҷваҷҷӯҳ нисбат ба муҳофизату нигаҳдорӣ ва истифодаи неку дуруст аз манобеи табиӣ ва ғамхорӣ нисбат ба башарият ба хотири баланд рафтани ҳарорати замин ва камбудии оби софу нушокӣ, аз ҷумла фаъолиятҳои неки ин марди хардманди башардӯст аст, ки маро сахт таҳти таъсир қарор додааст.

Ҷо дорад аз дастгириҳои ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳтарам Абдулло Ҳабибулло ибрози ташаккур ва сипсгӯзорӣ намоям. Марде, ки бо мудирияти олимонааш донишгоҳро яке аз донишгоҳҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ аз лиҳози илмӣ табдил дода, дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ донишҷӯёни ин донишгоҳ мақомҳои арзандаро аз они худ кардаанд.

Агар меҳмоннавозиҳои мардуми азизи Тоҷикистон, бахусус мардуми қаҳрамонпарвари Кӯлобро фаромӯш кунам, кӯрнамакӣ мешавад. Бинобар ин, миннатдории худро баҳрашон иброз намуда, дастони модарони тоҷикамро мебӯсам, ки бо нон ва кулчаҳои ширини тоҷиконаашон ҷону тан ба ман бахшиданд.

Рӯзи сешанбе баробар бо 04.10.2017 аввалин ҷамъомади Ҷамъияти илмии донишҷӯёни донишгоҳ дар шурӯи соли таҳсили ҷорӣ буд. Қобили тазаккур аст, ки Ҷамъияти илмии донишҷӯёни ДДК барои баланд бардоштани сатҳи илмии донишҷӯён ташкил шудааст, ки ташкилкунандаи он устоди гиромиқадрамон Зафар Мирзоён ва ректори муҳтарам мебошанд. Дар нахустин нишасти Ҷамъият ду мавзӯъ ба баҳс гузошта шуд, ки тавассути ду узви аршади Ҷамъият комкаш гирифта шуд. Дар оғоз суханронии олимонаи ректори муҳтарам ба нишасти илмии мо шукӯҳи бештар дода, ба иштирокчиён бо нишастан дар пои сӯҳбатҳои ректор ифтихори ман гардиданд. Ҷаноби ректор дар ҷараёни сӯҳбатҳояшон иброз доштанд, ки дӯст дорам вақте ба ҷойҳои ҷамъиятӣ, монанди қаҳвахона муроҷиат мекунам, дӯст дорам, ки мардум ба ба баҳсҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ масруф бошанд на ба чизҳои бемаврид ва бефоида. Дӯст дорам аз Мавлонову Шамс, Хайём, Сино ва аз маорифпарварони халқу миллати маданияти офаридаамон сӯҳбат намоянд.

Баъдан, устод Зафар Мирзоён сӯҳбат намуданд, ки мо бояд дубора аз сар зиндагардонии арзишҳои арзишманди инсонии халқу миллатамон талош намуда, ҷомеаро аз хурофотпарастӣ ва таассубот дур карда, барои ба бор овардани як ҷомеаи огоҳу равшанзамиру башардӯст ва мусаллаҳ бо илми муосир шабу рӯз дар пайи касби илми воқеӣ бошем.

Дар охири мавзӯъҳое мавриди таҳқиқ қарор гирифта буд, баҳси умумӣ гузошта шуд, ки иштирокчиён ба накду баррасиву таҳлил пардохта, ибрози хушҳолӣ намуда, қайд карданд, ки баргузории чунин нишастҳои илмии худмонӣ боиси баланд рафтани маҳорат ва малакаи муҳиқиқини ҷавон шуда, ҷомеаро аз бегонапарастӣ ва хурофотпарастӣ дур менамоянд.

Дар охир аз алоқамандони баҳсҳои илмӣ, бахусус аз донишҷӯёни донишгоҳ хоҳиш менамоям, ки дар нишастҳои мо иштирок намоянд.

# RESPONSIBLE TEACHER



*Robiyai Abdusamad, The second master of faculty of foreign philology*

He is Jurakulov Bozorali Rahmonalievich and was born in 5.02.1984 in Kulob town. His qualification is English teacher. Also he graduated the Tajik State Pedagogical University named after Kandil Juraev in Dushanbe / Tajikistan 2006 faculty of English and comparative typology in a high degree system. He worked as English teacher at faculty of English and comparative typology in Tajik State Pedagogical University named after Kandil Juraev In 2006. During his activity at this University he worked as Volunteer in NON-Government Counterpart International Organization. His duty was to assist the Program Manager in receiving, distributing and monitoring shipments of humanitarian assistance from the United State Government and other donors.

In 2007, he was sent for teaching computer and English language in secondary school # 53 in Kulob town. He taught there the computer science and English for 10 and 11th form. After that. Because of lacking English specialist, he was called to Kulob State University named after Abuadullohi Rudaki in order to teach English at faculty of foreign philology in 2008. So there, he taught the subjects of "History of English, comparative typology, English practice" for second and third year students till 2011. In this faculty he showed his intelligent and high knowledge of English and there he'd carried out his job in a responsible fashion. As you know, he speaks Russian, Tajik, and English (fluently) and also he is a diligent person. He attended in many seminars of English among the foreigners in many universities for the improving how to teach English with the new method of teaching English. He always tries to teach students with the new method of English in order to motivate the students for his lessons. From his point of view more recent technologies have expanded the way a lesson can be delivered. For example: film strips, pre-recorded audio and video tapes, television programs and podcasts are some ways to deliver or add to a lesson. Besides. Distance Education techniques such as video conferencing, or Electronic learning in a Virtual learning environment have allowed interactive lessons to be presented to students who may not be in the same physical location. These tools offer new synchronous, asynchronous and blended ways to deliver lessons.

A large number of projects about good ways of teaching English in our faculty have been completed under his leadership and with his direct participation. He can say as a truth, he good natured, humble, and honest in




his work and also trustworthy and has a good reputation among teachers in our faculty and university. His object is to work punctually and diligently. From 2012 he was appointed to the post of the deputy dean on science at faculty of foreign philology for arranging the time-tables and getting ready students for lessons till now. He as English fellow conduct a lecture to students the subjects such as: "American Literature, History of English Language, Theory of translation, Theory of phonetic, Comparative linguistic". Just now he is an applicant in English chair and researching on the theme of "Semantic structure analysis of Pedagogical Terminology in Tajik and English languages". His scientific leader is Dr.philolohy science. Professor Jamatov Sammiddin. About two year he is working in his research theme. He has written 10 articles about different daily topics. Every week he prepares daily topics and reports them for students in order they have to be ready to express their minds in English.

During the lessons, he tries to use new methods in order to attract the students for the lessons. He eager to participates in any conference in order to improve his knowledge. Every year in April month we have a scientific conference in the university about different topics. In this conference so he reports about scientific topics among teachers and students.

In 2011, he attended in seminar "Communicative Teaching Methods for University Teachers. Dushanbe City (in U/S Embassy). In this seminar they taught about good ways of teaching English for students in the Universities of Tajikistan.

On December 2016 he participated in seminar how to "Motivate students for lessons "and got a certificate. In spite of this he has computer skills: such as computer programmer, system installer, as Windows, Linux, Ubuntu and other programs. Besides of this we have an "English Club" in our faculty. He is the leader of this club and each week gets ready the students for discussing different topics among teachers and students. His object is to motivate students for improving their English understanding. During the break time he makes the students to speak English among the teachers and other teachers stuff. He participates in all English lessons and give an advise the teachers how to use new technologies during the lessons for motivating the students. Every month we have seminars on problematic topics among teachers in our faculty. As he understand his ways of plans of teaching English are very important and appropriate for this time, and his propose improvement of the Universities legal system would prove a valuable contribution if carry out. He can transfer the knowledge gained in an optimized manner to our country and future generations.

*Раҳм дар даврони давлат аз забардастон маҷӯ,*
*Муттасил зӯр оварад бар санги зерин осиё.* Соиб





*Сулаймон МИРЗОЕВ,*
*ассистенти кафедраи биология*

# ШАҲДИ РАСТАНӢ - АСОСИ ҒИЗОИ ЗАНБӮРИ АСАЛ

Занбӯри асал аз истилоҳи лотинӣ гирифта шуда, маънои Apis mellifera-ро дошта, ба оилаи умумии Apedia-зероилаи Apinae мансуб мебошад.

Аз рӯи таснифоти Ф.Рутнер дар рӯи замин 25 намуди занбӯри асал мавҷуд аст. Бештар зотҳои аврупоӣ паҳн шудаанд. Аз 25 намуди занбӯрони асале, ки дар ҷаҳон мавҷуд аст, 7 намуди онҳо дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ парвариш карда мешуд, яъне намудҳои русӣ, украинӣ, даштӣ, карпати, хокистарранги кӯҳии кавказӣ, зарди кавказӣ, итолиявӣ, ва ғайраҳо. Дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои парвариши намуди карпатӣ махсусгардонидашуда ба шумор меравад. Занбӯрони ин намуд дар минтақаҳои ғарбӣ, марказӣ, шарқӣ ва шимолии Аврупо паҳн шудаанд.

Ҳаёти занбӯри асал бо растанҳои шифобахши маданӣ ва ёбоӣ зич алоқаманд буда, пайдошавии тухм аз ҳисоби гардолудкунии растаниҳо мебошад. Фаҳмиши "гардолудкунӣ" ва "бордоршавӣ" аз ҳамдигар фарқ дошта, ду ҷараёни мураккаби бузург мебошанд. Байни гардолудкунӣ ва бордоршавии растанӣ, яъне гузаштани гард ва гарддон як фосилаи вақти муайян мегузарад. Масалан: қоқу ҷараёни бордоршави 20-30 дақиқа давом мекунад, пахта 19-20 соат, дарахтон то як ҳафта. Гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ дар Институти тадқиқотӣ-илмии мевапарварии ба номи И.В.Мичурин нишон дод, ки гардолудкунӣ ба воситаи занбӯр пайдошавии меваро дучанд кунонида, сифати онро беҳтар мегардонад.

Дар тадқиқотҳои худ Алматов исбот кардаанд, ки 75-80% растаниҳои энтомофилии ба воситаи занбӯри асал гардолуд кунонида мешавад. Ба ғайр аз он маълум гардидааст, ки 300 намуди растаниҳое, ки шаҳди хуб ҷудо менамоянд, барои соҳаи занбӯрпарварӣ арзиши калон доранд. Ногуфта намонад, ки ҳар як мавзеъ растаниҳои ба худ хоси шаҳдҷудокунанда дорад ва онҳо ҳамасола як хел миқдор шаҳд ҷудо намекунанд, ки он аз иқлим боду ҳаво, гармӣ, усулҳои коркарди агротехникӣ ва ғайра вобаста мебошанд.

Дар бисёре аз ноҳияҳо аз норасоии занбӯр, миқдори зиёди шаҳд хушк мешавад, ё борон онро мешӯяд.

Занбӯри асал барои ҷӯстуҷӯи ғизои худ ба гули растанӣ нишаста, онро гардолӯд менамояд ва якбора аз он ҷой шаҳд ё гарди гул оварда барои тарбияи насли худ сарф менамояд.

Асали сарфнамудаи як оилаи занбӯр аз 90 кг асал барои тарбияи 150 000 насл сохтмони лона, гирифтани оилаи хурд ивази микроиқлими лона, ба вуҷуд овардани ширешу об ва ғайра корҳо сарф мешаванд.

Олимони Руссия А.Ф.Губин ва И.Н.Клинген ҳисоб карданд, ки даромади хоҷагии халқ аз ҳисоби гардолудкунӣ даҳҳо маротиба зиёд аст, назар ба маҳсулоти занбӯри асал. Хоҷагиҳое, ки оид ба сабзавоткорӣ дар гармхонаҳо меҳнат мекунанд, барои гардолудкунӣ ҳоло оилаи занбӯрро истифода мебаранд. Гардолудкуниро аз меҳнати дастӣ ба оилаи занбӯр гузаронидаанд. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки дар як гектар майдони кишти бодиринги гармхона ҳосили зиёдати 110 ц. назар ба гармхонаи бо даст гардолудкунанда зиёд мебошад. Ин кори душвори дастиро аз байн бурда, иқтисодиёти хоҷагиро ду маротиба меафзоянд.

Дар натиҷаи истифодаи агротехникаи сари вақти истифодаи нуриҳои минералию ҳар гуна пестесидҳо, сафи занбӯрони ягонаи гардолудкунанда сол аз сол кам гардидаанд, ки ҷойи онҳоро занбӯрпарвар бояд донад, ки дар як гектар замин чӣ қадар растанӣ ҳаст ва чанд оилаи занбӯр ӯро пурра гардолуд менамояд. Ҳисоб карда шудааст, ки барои гардолудкунии 1 гектар офтобпараст 0,5-1 оила, марҷумак 2-3 экспарсеп, 3-4 полезиҳо 0,5, боғи себ ва ғайраҳо лозим аст.

Дар мамлакатҳои хориҷӣ барои гардолудкунии растаниҳои энтомофилӣ ба ҳар як оилаи занбӯрпарвар музд дода мешавад.

Шаҳдҷудокунӣ ду намуд мешавад: муваққатӣ ва серҳосил (асосӣ). Шаҳдҷудокунии муваққатӣ чунин шаҳдҷудокуние мебошад, ки дар ин сурати шаҳдӣ ба занбурққутӣ дохил шуда, танҳо барои парвариши кирминаҳо мерасад. Шаҳдҷудокунии калон бошад, дар вақти гулкунии аксари растаниҳо оғоз мегардад, ки дар он занбӯри асал он миқдор шаҳд ба занбӯрққутӣ меорад, ки ба ғайр аз сарфи хӯрока боз миқдори муайяни шаҳд дар захира мемонад.

Барои гирифтани миқдори зиёди маҳсулот (асал) пеш аз ҳама мо бояд растаниҳои шаҳдҷудокунандаро пай дар пай корем, то ин ки тамоми фасл шаҳд ва гарди гул мавҷуд бошад, инчунин он растаниҳоро ҳамчун хӯрока дар соҳаи чорводорӣ низ истифода бурда тавонем.



*Сабзаалӣ АСОЗОДА,*
*саромӯзгори кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии факултаи таърихи ДМТ*

# ДАРЁЮ ШОИРЕ...

Дарё... Дарёи нур... Равонию илҳомбахш... Шоире дар канорат, ба васфат суруда буд:

***Дарё аз кӯҳ ҷорист.***
***Соида санг бар санг.***
***Мавҷаш ба домани кӯҳ***
***Ҷангида, чанг ба чанг.***
***То рахнае кушояд***
***Девори соҳилашро.***
***Бар гӯши водӣ гӯяд,***
***Афсонаи дилашро.***
***Пасту баланд гардад,***
***Бо сад ҳазор оҳанг.***
***Гаҳ рому гоҳ ваҳшист***
***Чун бара, гоҳ чун ранг.***
***Тақдири одамизод***
***Чун рӯди кӯҳсор аст***
***Шӯре, ки дар дили мост,***
***Пайғоми навбаҳор аст...***

Оре, дарё ӯро муддате, соате, лаҳзае "бар чашмаҳои кӯҳсорон боз" бармегардонем, даме ёди некаш мекунему аз чакидаҳои хомааш, ки ба васфи ту гуфтааст ҳаловат мебарем. Ӯро... зиндаёд Ҳабубулло Файзуллоро ба ёд меорем...

Шоир Ҳабубулло Файзулло... агарчӣ ҷавон аз байни мо, аз байни мухлисону наздиконаш хеле бармаҳал рафт, лекин ӯро пайравони ашъори нобаш дар ҳар сатру дар ҳар як шеъру ғазал ва... дар рӯдҳои равону чашмаҳои кӯҳсорон, дар дарёҳои хӯрушону баҳру уқёнусҳо дармеёбанд. Ҳам дар обу ҳам дар оби назм...

**Ҳабибулло Файзулло...** инак пеши назарҳо, ба гӯши ҷонҳо, ба дилҳои лабташнаю интизор симои ӯ, садои ӯ, қадамзанию шеърнависии ӯ меояд. Ӯро баръало мебинем, мешунавем ва эҳсос мекунем.

Дарёи нур... на-на, малӯл машав, маранҷ, бубин ӯ савори қоиқе дар амвоҷи ту шино дораду ба истиқболи тую мо омада, туро, шеъри туро мехонад, шеъри дарёро месарояд. Биё якҷоя бишнавем, ки чӣ гуфта буд:

*Мавҷҳои қофияи дарёянд,*
*Аз дили тарма ба дарё резанд.*
*Соҳили сабз ба монанди радиф,*
*Мавҷро соида шӯр ангезанд.*
*Шеъри дарё бишнавад шевотар,*
*Сангро ҳар қадаре пора кунад.*
*Мисраҳоро шиканад гӯётар,*
*Дар дили кӯҳу камар кора кунад.*

**Ҳабибулло Файзулло...** Оре, эй дарё ин шоир хеле-хеле дӯстат медошт, хеле-хеле маҳбубаш гашта будию чандин ғазалу суруд ва шеърҳои хешро ба ту бахшида буд. Оре-оре, ту илҳомаш бахшида будӣ, ҳаёташ дода будию туро сароғози зиндагӣ, паёмрасон аз умри ҷавон гуфтаю дар ту ҷовидон ҷавон мондааст Чӣ? Бовар надорӣ, пас биёю давоми шеъри дарёи ӯро бишнав, ки чӣ тавр зебо гуфтааст, чӣ тавр гӯшнавоз садо медиҳаду қалбҳоро роҳате мебахшад. Шеъри дарёст пешниҳоди тую шунаванда:

*Шеъри дарёст сароҳанги ҳаёт,*
*Аз дили кӯҳу даманҳо шунавӣ.*
*Аз дуои падарон дар дарё,*
*Дили пурҳасрати дарё шунавӣ.*
*Ташна дар хоб чиҳо хоҳад дид?*
*Шеъри дарё ба забон меорад,*
*Шеъри дарёст, ки бар олами пир*
*Муждаи умри ҷавон меорад.*

**Ҳабибулло Файзулло...** кас мехоҳад, ки бо ӯ бошад, аз назми хушгилаш косаю ҷом ва кӯзаҳои хайёмӣ бисозаду аз ғазалаш майи маонӣ бинӯшад... ва ин ҳама ормонҳоро аз ту, аз дарёи нур мегирему сар ба бағалат монда, даме обҳои мусаффоҳоятро менӯшем ва боз ҳам табъи худро бо шеъру сурудҳои дарёии ӯ шод намоему боз ҳам ёди ӯ кунем.

**Ҳабибулло Файзулло...** агар ба таври сатҳӣ ҳам ба ашъори ӯ назар карда, мавзӯи хешро пайдо намуда, ба онҳо назар кунем. Мебинем, ки шоир ба обу чашма ва рӯду дарё хеле дарёдилона аҳамият дода, аз назараш ягон мавҷудоти ба об алоқаманд берун намонда, он ҳамаро бо диққат мушоҳида карда, устодона ба риштаи тасвир кашида, дар либоси наве воқеият амиқтар омадааст. Ва метавон барои мисол шеъри "Пайванд"-и ӯро овард, ки шоир онро соли 1979 иншо карда буду он замон 34-сол дошта, як шоир баркамол ба ҳисоб мерафт. пеш аз он, ки онро қироат намоем, мехоҳам баён кунем, ки дар ин шеър Ҳабубулло Файзулло хеле афсункорона бунёди дарёро нишон дода, хонандаю шунавандаро бе ихтиёр сеҳр мекунаду аҷаб лаззате мебахшад. Ва ҳоло биёед ба шеър гӯш андозем:

*Як замоне рӯдҳо дар*
*осмонҳо будаанд,*
*Дар радифи шоҳроҳи*
*каҳкашонҳо будаанд.*
*Мазраи сабзи фалакро*
*обёрӣ кардаанд,*
*Ҷои доне аршиён*
*исторакорӣ кардаанд.*
*Раъдро андар гиреви*
*хеш пинҳон кардаанд,*
*Баркро оташафрӯзи*
*абри гирён кардаанд.*
*Пора карданд абрҳоро*
*баҳри маҷрои дигар,*
*То зи як дарё барояд боз*
*дарёи дигар.*
*Бар замин он рӯдҳо аз*
*Каҳкашон афтодаанд.*

**Ҳабибулло Файзулло...** Аҷаб-аҷаб, хеле хуш гуфтаю макони шумо эй рӯдҳоро барҳақ баланд бардошта, осмонҳо номидаю аз Каҳкашон омадани обҳоро таъкид мекунаду ба давоми шеър навишта буд, ки:

*Рӯдҳо не, пораҳои осмон*
*афтодаанд.*
*Рӯдҳои осмонӣ дар замин*
*дарё шудаанд,*
*Рӯдҳо якҷо шуданду*
*баҳри нопайдо шуданд.*
*Осмони босаховат*
*вусъати дунё гирифт,*
*Абри дарёборро дар*
*хизмати дарё гирифт.*
*Шӯру исён мекунад*
*дарё, замин обод бод,*
*Одамонро дил чу дарёҳову*
*дарё ёд бод!*
*Рӯдҳо шарёни пайванди*
*замину осмон,*
*Рӯдҳоро осмон додаст*
*умри ҷовидон.*

**Ҳабибулло Файзулло...** боз ҳам ӯро, боз ҳам ин шоири шӯридадилу дарёсифатро дар ҳар як қатраи ту мебинему ту, эй дарёи нур чун ойинае ӯро баҳри ҳамаи мо намоён мекунӣ, шарфаҳои пояшро аз ғул-ғули обҳою аз равонии чашма, ҳатто аз афсонаи ту пайдо мекунем. Афсона? Оре, "Афсонаи об" ном шеъре дораду дар он ҳам ҳақиқатро нишон додааст. Афсонаи оби шоир воқеият мебошаду ин афсона маҳз тавассути меҳнату заҳмати мардумони ин сарзамин ҳамин шаклро гирифта, ба шоир ҳам илҳоме бахшидааст ва дар ин пораи он шоир мегӯяд, ки:

***Дашти пур аз саробро***
***Акнун сароб нест.***
***Дигар ба ёди ташнагон***
***Афсона об нест.***
***Дарёи Вахшро нигар,***
***Баҳри дамон шуда.***



***Он Тутқавули бостон,***
***Аз нав ҷавон шуда.***
***Дашти пур аз саробро***
***Акнун сароб нест.***
***Дигар ба ёди ташнагон***
***Афсона об нест.***

**Ҳабибулло Файзулло...** Оре, дар ашъори ӯ мо тасвирҳои ҷолибу хушобу ранг ва гуворо дидаю шунида, ба хубӣ мефаҳмем, ки шоир дар ҳақиқат ин марзу бум, ин сарзаминро аз дилу ҷон дӯст медошту ба обу ободонӣ ва дарёю рӯдҳои он дилбастагии хосе дошт. Ба он муносибати хубе дошт ва дар шеъри дигари ӯ, ки "Тифли кӯҳ" ном дорад, мо муомиларо мебинем. Ва ҳоло ин шеърро мехонем, ки Ҳабубулло Файзулло аз забони як дарёчаи кӯҳӣ овардааст:

*Ман он дарёчаи шӯхам,*
*Зи қалби кӯҳсорон сар*
*кашида мавҷҳои анн.*
*Чу тифлони навомӯзе*
*раҳи тифлона мепӯянд,*
*Ба гӯши сабзаву себаргаҳо*
*афсона мегӯянд,*
*Парида аз фарози*
*сангҳову роҳ меҷӯяд,*
*Намуда такя бар деворҳои*
*соҳили тангам.*
*Маро соҳил чу гаҳвора*
*навозиш мекунад ҳар дам,*
*Ба уммеди, ки бар водӣ*
*расонам тифли покамро,*
*Агарчи дар баҳорон*
*гоҳ-гоҳе хира шуд рангам,*
*Баландӣ ёфт оҳангам,*
*Мазан, эй раҳгузар, сангам.*
*Ман он дарёчаи шӯхам,*
*Ки аз кӯҳ ибтидо дорам.*
*Маро дар водиҳои*
*ташналаб ором мебинӣ,*
*Ба мисли оҳувони ром мебинӣ.*
*Куҷо дасте, ки анҷоми*
*маро оғоз гардонад?*
*Маро бар чашмаҳои*
*кӯҳсорон боз гардонад?*

**Ҳабибулло Файзулло...** Дарёи нур... даме бо тую ин шоир дарёдил буда, чанд шеъру суруд ва оҳангу наворо шунидему табъи ҳамагонро шод намудем. Ва албатта ин охирин мулоқот набуда, боз, навбати дигар ба лаби соҳилҳои ту, эй дарё меоему боз аз дафтари ашъори Ҳабибулло Файзулло чанд шеъри дигарро ба васфат мехонем. Рӯҳи шоирро болида мегардонему ёди номи некаш мекунем. Ва ин ҷо вохӯриро дар соҳили дарё, бо "Дарёи нав", оре, бо "Дарёи нав" ном суруди дигари Ҳабибулло Файзулло анҷом мебахшем.

*Даштҳои ташналаб шодӣ кунед,*
*Об аз дарёи Об ояд ҳаме.*
*Регзорон кӯчиён беқарор,*
*Хаймаҳои хешро оро диҳед.*
*Пушт гардонед сӯи бодҳо,*
*Синаро бар синаи дарё ниҳед.*
*Дар канори рӯди Омӯ сар ниҳад,*
*В-аз ҳақиқат дур набвад фоли ман.*
*Соҳилаш айёми пирӣ бингарам,*
*Тифлиям ояд ба истиқболи ман.*

*Донаи сӯхта аз барқ намеандешад,*
*Ғами олам чи кунад бо дили ғампешаи мо.* *Соиб*

Анвори дониш
№1 (266) 26 январи 2018

# ЧАРО ДАР ҶОМЕА ХУШУНАТИ ОИЛАВӢ ЗИЁД АСТ?

*Дар ҷомеаи имрӯза мартабаи зан рӯз то рӯз боло рафта истодааст. Мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зан дар радифи мард аз ҳамаи ҳуқуқҳо бархӯрдор буда, комилҳуқуқу озод мебошад, аммо ин зоҳиран аст. Агар аниқтар ба умқи рӯзгори мардум назар кунем, манзараи амалияи зиндагӣ тамоман дигар аст. Ҳақиқату асл он аст, ки аксари занони маҳаллӣ зери хушунати хонаводагӣ қарор доранд. Дар муносибати зану шавҳар зуд-зуд баҳсу мунозираҳо ба вуҷуд меоянд. Бо ҳар баҳонаи ночиз ҷангу ҷанҷол оғоз шуда, таънаю маломат ба сари зан меборад. Дар ҳолатҳои мастии шавҳар баҳсҳо ба моҷаро ва моҷаро ба латукӯби зан анҷом меёбад. Занҳо борҳо қаҳр карда, ба хонаи волидайнашон мераванд, вале бо тавбаю қасамхӯриҳои шавҳар ва ба хотири фарзандон ба хонаашон боз бармегарданд. Мутаассифона, имӯзҳо аз хушунати оилавӣ занон ва ё дигар аъзои оила даст ба худкушӣ ва ё суиқасд ба ҷони худу кӯдакони оила мекунанд.*

*Аз ин рӯ, хостем то аз чанд рӯшанандеш ба саволи "Чаро дар ҷомеа хушунати оилавӣ зиёд аст?" пурсон шавем.*



***Савронбӣ Раҳимова, номзади илми филология, раиси Шӯрои занон.***

Мо, занон гарчанде медонем, ки Қонуни ҶТ "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" таҳти № 954 аз 19 марти соли 2013 амал мекунад, лекин дар баъзе оилаҳои ҷавон хушунату зӯроварӣ хеле зиёд аст. Ба фикри банда аз сабаби бисёре аз ҷавонон дар оила тарбияи хуб надоштан, баъди хонадор шуданашон бо занҳояшон ҳамчун моли хусусӣ муносибат кардан, зери латукӯб ва ба ҳар баҳонаи ночизе ҷанҷол бардоштан ва дар ин маврид бетарафии модарони онҳо ба хушунати оилавӣ оварда мерасонад.

Пешниҳод мекунам, ки қонуни мазкурро миёни оилаҳои тоҷик ВАО ва ҳуқуқшиносону дигар масъулин аз Кумитаи кор бо занон ва оила бифаҳмонанд, зеро ҳама ноадолатиҳо аз надонистани қонун сарчашма мегирад.



***Фарухҷон КАРИМОВ, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ.***

Ин бисёр саволи бамаврид мебошад. Бештари одамон интизор посухи муккамал ва дуруст ҳастанд. Ба фикри ман ҳамин ҷомеае, ки мо зиндагӣ дорем, барои ҳар як инсон дарси ибрат аст. Дигар мо ниёз ба фаҳмондадиҳии касе надорем. Имрӯз хушунат бисёртар дар оилаҳои ҷавон дида мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки волидайн ба навхонадорон тарбияи дуруст накардаанд. Сабабҳои асосии хушунат пинҳон кардани дурӯғ, надоштани ҳунари хӯрокпазӣ ва надонистани муносибати хуб мебошад. Инчунин, барвақт ба шавҳар додани духтарон боиси хушунати онҳо мегардад, зеро онҳо ҳанӯз кӯдак буда, ба хотоҳои зиёд даст мезананд.



***Рустам ГУЛОВ, мудири шуъбаи тарбия.***

Вақте ки мо оила мегӯем зери ин мафҳум муҳимтарин ячейкаи давлатро мебинем. Аз ин рӯ, пеш аз барпо намудани оила ҳар як шаҳрванд бояд паҳлӯҳои гуногунҷабҳаи ҳаёти оилавиро мавриди омӯзиш қарор диҳад. Мутаассифона, дар аксар хонаводаҳо байни занону мардон муҳаббати самимӣ ва якдигарфаҳмӣ тамоман вуҷуд надорад. Ин аст, ки солҳои охир пароканда шудани оилаҳои ҷавон зиёд ба чашм мерасад. Вақте ки дар байни як оила хархаша ба миён меояд, бояд яке аз онҳо каме сабур бошаду ба суханони якдигар гӯш диҳанд.



***Нодира АШӮРОВА, номзади илми филология, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик.***

Қувваи мард барои зӯроварӣ нест. Дар замони имрӯза, хусусан дар кишварҳои пешрафтаи дунё гиромӣ доштани занро вобаста ба самтҳои бофарҳанги ҷомеа медонанд ва бисёре аз кишварҳои аврупоӣ ифтихор доранд, ки онҳо тавонистаанд мавқеи занро дар ҷомеаашон баланд бардоранд. Зан дар аҳди бостон, дар китоби муқаддаси пешазисломии эронинажоддон "Авесто" ба таври хоса тавсиф шуда, ба мавзӯи баробарии ҷойгоҳи зану мард дар ҷомеа бахшҳои гуногуни ин китоб бахшида шудааст. Чунон ки дар "Авесто" оварда шудааст, занон дар гузашта бо мардон баробарҳуқуқ ва аз тамоми ҳуқуқҳои иҷтимоӣ бархӯрдор будаанд. Чунин сарнавишти тоҷикони мо ишора ба муносибати ҷомеаи фароторихӣ бо занон баёнгари фарҳанги баланди мардуми мо мебошад.



***Абдураҳмон ХОЛОВ, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ.***

Ободии Ватани азизи мо аз ободии ҳар хонадону оила ва фаросату маърифати оиладории волидон сарчашма мегирад. Дар оила, агар доимо ҷангу ҷанҷол ва моҷароҳо бошанд, чӣ муҳите ваҳшатангезе барои фарзандони ин оила ба вуҷуд меояд? Муҳити носазо ва даҳшатбор. Оқибати чунин муносибатҳо дар муҳити оилавӣ ба ҳодисаҳои дуруғгӯӣ, фиреб додани падару модар, назари бад ба оила ва ҷомеъ мегардад. Агар дар муносибатҳои зану шавҳар зуд-зуд баҳсу мунозираҳо ба вуҷуд оянд, пас, бо баҳонаи ночиз ҷангу ҷанҷол оғоз ёфта, таънаю маломат ба сари зан меборад. Зан ба моҷароҳо тоб наоварда, борҳо қаҳр карда, маҷбур мешавад, ки ба хонаи волидонаш равад. Зани одил ва вафодор, агар дар оила шароити муносибро мувофиқ ба рафтори оилааш (шавҳараш) иҷро намояд ва ба фарзандонаш, ки қариб қисмати зиёди рӯз бо онҳо машғул аст (агар хонанишин бошад), таълиму тарбияи дурустро ба роҳ монад, дар оила чунин моҷароҳо ба вуҷуд намеоянд. Дар тӯли ҳама соли зиндагии якҷоя, тартиби зиндагидорӣ ва муҳити оилавӣ бештар аз ҳарду вобастагӣ дорад.



***Маҳтовбӣ БОРОНОВА, мудири кабинети забон ва адабиёти тоҷик.***

Масъалаи оиладорӣ масъалаи мубрами рӯз аст, ҳарчанд атрофи он басҳои бисёре шудаанд, лекин он ҳоло ҳам ҳал нашудаву муҳтоҷи ёрист. Калиди хушбахтии оилавӣ нигоҳ доштани сири хонавода аст, аммо бештари бонувон онро ҳифз карда наметавонанд. Қаблан безурётии зан ё шавҳар ва дигар омилҳои ҷиддӣ боиси вайроншавии оила мегардид, ҳоло бошад, як баҳси лафзӣ ба пошхӯрии оила оварда мерасонад.

Оила гаҳвораи инсон аст, макони сабзишу парвариши фарзанд ва нигаҳбонии ин гаҳвора бар дӯши модар вогузор шудааст. Зан чун муҷассамаи покиву назокат сазовори парастишу эҳтиром аст. Бо вуҷуди ин, сабаби хушунати оилавӣ ғурури беҷои волидайн, тасмими бошитоби ҷавонон ва ошноии қалб аз издивоҷ мебошад.



***Аминҷон ДАВЛАТОВ, мутахасиси маркази бақайдгирӣ ва итилоотии НКТ.***

Яке аз сабабҳои хушунати оилавӣ ин аз нофаҳмӣ ва ба зиндагии мустақилона тайёр набудани ҷавонон мебошад. Оилаи солим гуфта оилаеро меноманд, ки дар вай якдигарфаҳмӣ, якдилӣ, ғамхорӣ, раҳмдилӣ, накӯкорӣ ва бомаърифат буданро нишон медиҳад. Оила бояд дар асоси муносибатҳои одилонаву оқилона, андешаи солим ва муносибатҳои боақлонаи тарафайн сохта шавад. Вазифаҳои оила дар ҷомеа хело васеъ мебошанд. Инсони бомаърифат, хушахлоқу меҳнатдӯстро ба воя расонидан муҳимтарин вазифаи оила ва падару модарон ба ҳисоб меравад. Ҷангу хархаша, зурӣ ва нооромӣ боиси паст шудани сатҳи зиндагӣ мешавад. Дӯстию якдигарфаҳмӣ аз хонадон сар шуда, то ба сиёсати давлатдорӣ рафта мерасад.

*Зану шаҳар агар якдил набошанд,*
*Бидон умре ба як*
*манзил набошанд.*



***Умар ГУЛМАДОВ, ассистенти кафедраи физикаи умумӣ.***

Дуруст аст, ки дар ҷомеаи кунунии мо зану мард баробарҳуқуқанд, вале набояд фаромӯш сохт, ки дар оила зан ва мард ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро доранд. Ин ҷо гап сари он намеравад, ки зан ва мард дар оила баробарҳуқуқ нестанд, балки гап сари ҳамон ӯҳдарориҳои зан ва мард маравад. Ӯҳдадориҳое, ки қабл аз оиладор шудан ба навхонадорон бояд омӯзонида шаванд. Ҳангоми иҷрои пурраи вазифаву ӯҳдарориҳо аз ҷониби зан ва шавҳар гуфтан мумкин аст, ки ҳеҷ гуна хушунат ва зӯроварӣ дида намешавад. Агар гӯем, ки зӯроварӣ ба зан танҳо аз ҳисоби иҷро накардани ӯҳдадориҳост, дуруст намебуд, чунки баъзан мавридҳое низ ҳастанд, ки зан қасдан мавриди зулму шиканҷа қарор мегирад.



***Адураҳмони МУҲАММАДӢ, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими забони тоҷикӣ.***

Сар задани хушунати оилавӣ якчанд омилҳо дорад. Дар байни аъзоёни оила якдигаро дуруст нафаҳмидан, бо ибораи дигар гӯем якдигарнофаҳмӣ ҷой дорад. Шояд хурдсолон ва ё баракс калонсолон то ба охир тоқати шунидани фикри якдигарро надоранд. Яке худро аз дигаре донотар ё боақлтар медонанд ва онҳо ба қароре омада наметавонанд. Аз дигар тараф ин ба ҳолати психологӣ низ вобастагии калон дорад. Гузашта аз ин, дар ҷомеа оилаҳое ҳастанд, ки худ ба шароити оилавӣ чандон тайёр набуда, дар натиҷа бо баъзе душвориҳои зиндагӣ рӯбарӯ мегарданд, ки ин ҳам яке аз омилҳои сар задании хушунати оилавӣ мегардад.



***Хайриддин СУФИЕВ, мутахассиси маркази тестӣ.***

Яке аз сабабҳои асосии нофаҳмӣ ва пошхӯрии оилаҳои ҷавон ин асосан аз тарбияи оила вобастагӣ дорад. Агар духтар ва ё писар дар оилаи солим ба воя расида бошад, пас, ба ин амали шум даст намезанад. Аксари оилаҳое, ки даст ба ҷудошавӣ мезананд, онҳо аз Қуръону ислом ва илму адаб дуранд. Паёмбари Худо гуфтааст, ки ҳар кас, ки даст ба талоқ мезанад, бӯи биҳишт барои ин кас намерасад. Инчунин, бадтарин ҳолаҳо ин талоқ аст. Ба ақидаи шахсии банда сабаби асосии пошхӯрии оилаҳои ҷавон тарбияи дуруст надоштани онҳо мебошад.



***Фарзона ҲАСАНОВА, ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг.***

Хушунати оилавӣ яке аз омилҳое мебошад, ки боиси парокандашавии оилаҳо мешавад. Пайдоиши ин фоҷеа аз қадрношиносӣ ва эҳтиром накардани якдигар мебошад. Аз паҳлӯи дигар назар афканем, пурра ба муносибатҳои оиладорӣ омода набудани навхонадорон мебошад.

*Таҳияи*
*Гулафзои ДАВЛАТ*
*Бадриддин ҲИКМАТУЛЛОЗОДА*
*Манучеҳр ЛАТИФОВ*

*Аз дами сарди хазон барге, ки меафтад ба хок,*
*Аз ҷаҳон бебарг рафтан ёд меояд маро.* *Соиб*







# БЕҲРӮЗ ХОҶАЗОДА - БЕҲТАРИН ВАРЗИШГАРИ СОЛИ 2017

*Боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки соли 2017 паҳлавони ҷавони тоҷик Беҳрӯз Хоҷазода 42 сол баъд аз Саидмӯъмин Раҳимов чемпиони ҷаҳон дар гуштини самбо шуд ва аз ҷониби Ассотсиатсияи журналистони риштаи варзиши Тоҷикистон (раисаш шореҳи маъруф Нарзулло Латипов) беҳтарин варзишгари сол эълон шуд. Ду ҷои баъдиро дар ин рейтинг Комроншоҳи Устопириён ва Дилшод Назаров ба даст овардаанд.*

Ассотсиатсияи журналистони риштаи варзиши Тоҷикистон (АҖРВТ) қаҳрамони ҷаҳон оид ба самбо Беҳрӯзи Хоҷазодаро варзишгари сол эълон кард. Ӯ дар рӯйхати даҳ варзишгари беҳтарини Тоҷикистон дар соли 2017, ки онро АҖРВТ аз рӯи натиҷагирии пурсиши хабарнигорон тартиб додааст, дар ҷойи аввал мебошад.

Варзишгари 22-солаи тоҷик Беҳрӯзи Хоҷазода, ки моҳи ноябри соли равон дар мусобиқоти қаҳрамонии ҷаҳон оид ба самбо дар шаҳри Сочи Русия дар вазни 74 кило мақоми аввалро касб кард, бо медали тилло мукофотонида шуд. Вай, инчунин дар мусобиқоти қаҳрамонии Осиё дар Тошканд дар вазни 68 кило медали тилло, дар Бозиҳои V осиёӣ дар иншооти сарпӯшида ва ҳунарҳои размӣ дар Ашхобод дар намуди самбои варзишӣ дар вазни 74 кило медали тилло ва дар намуди гуштини кураш дар вазни 73 кило медали нуқра гирифтааст.

Паҳлавони маъруфи тоҷик Комроншоҳи Устопириён, ки дар мусобиқоти қаҳрамонии Осиё оид ба дзюдо дар вазни 90 кило дар Ҳонконг бо медали тилло сарфароз гаштааст, дар феҳристи даҳ варзишгари беҳтарини сол дар ҷойи дуюм қарор дорад. Ӯ дар мавсими имсола, инчунин дар Гран-прии Тошканд ҷойи якум, дар Гран-прии Анталия ҷойи дуюм ва дар Ҷоми кушодаи Аврупо дар Минск ҷойи сеюмро соҳиб шудааст.

Гурзандози машҳур Дилшод Назаров, ки дар мусобиқоти қаҳрамонии Осиё оид ба варзиши сабук дар Ҳиндустон бо натиҷаи 76 метру 69 сантиметр мақоми аввалро касб карда, бо медали тилло сарфароз шуд, дар феҳристи АҖРВТ ҷойи сеюмро ишғол намуд. Қаҳрамони олимпӣ, инчунин имсол дар мусобиқоти байналмилалӣ аз силсилаи "IAAF Hammer Throw Challenge" соҳиби ҷоизаҳо гардидааст.

Ба рӯйхати даҳ варзишгари беҳтарини сол, инчунин инҳо дохил шуданд:

1. Акмалиддин Каримов (самбо)-ҷойи дуюм дар мусобиқоти қаҳрамонии ҷаҳон дар вазни 57 кило дар Сочи, ҷойи якум дар мусобиқоти қаҳрамонии Осиё дар Тошканд, ҷойи якум дар Бозиҳои V осиёӣ дар иншооти сарпӯшида ва ҳунарҳои размӣ дар Ашхобод.
2. Темур Раҳимов (дзюдо)-ҷойи сеюм дар мусобиқоти қаҳрамонии ҷаҳон байни ҷавонон дар вазни 100 кило дар Хорватия, ҷойи якум дар Ҷоми Осиё байни наврасон дар Тошканд, ҷойи дуюм дар мусобиқоти қаҳрамонии Осиё байни наврасон дар Бишкек, ҷойи дуюм дар Ҷоми Осиё байни наврасон дар шаҳри Чирчиқи Ӯзбекистон.
3. Сомон Маҳмадбеков (дзюдо)-ҷойи сеюм дар мусобиқоти қаҳрамонии ҷаҳон байни ҷавонон дар вазни 66 кило дар Хорватия, ҷойи якум дар Ҷоми Африқо байни наврасон дар Тунис, ҷойи якум дар Ҷоми Аврупо байни наврасон дар Румыния.
4. Ҷамолиддин Абдуллоев (дзюдо)-ҷойи сеюм дар мусобиқоти қаҳрамонии ҷаҳон байни наврасон дар вазни 66 кило дар шаҳри Сантягои Чили.
5. Шаҳриёр Даминов (қаиқронӣ)-ҷойи дуюм дар мусобиқоти қаҳрамонии Осиё дар каноэи яккаса ба масофаи 1000 метр дар Чин.
6. Ҷаҳон Қурбонов (бокс)-ҷойи сеюм дар мусобиқоти қаҳрамонии Осиё дар вазни 91 кило дар Тошканд.
7. Миҷгона Самадова (кикбоксинг)-ҷойи якум дар Бозиҳои V осиёӣ дар иншооти сарпӯшида ва ҳунарҳои размӣ дар Ашхобод дар навъи кик-лайт дар вазни 60 кило.

Ба иттилои раиси Ассотсиатсияи журналистони риштаи варзиши Тоҷикистон Нарзулло Латипов ба рӯйхати даҳ варзишгари беҳтарини соли 2017 намояндагони 6 намуди варзиш дохил шуданд. 7 нафари онҳо ба 4 намуди олимпӣ - дзюдо, варзиши сабук, қаиқронӣ ва бокс, се нафари дигар ба ду намуди ғайриолимпӣ - самбо ва кикбоксинг мутааллиқанд.

*Дар ҳусни бетакаллуфи маънӣ назора кун,*
*Аз раҳ марава ба холу хати истиораҳо.* Соиб

Анвори дониш
№1 (266) 26 январи 2018

# ЛОИҲАИ "PAWER" - МУШКИЛКУШОИ ДОНИШҶӮЁНИ ИНТИҚОЛШАВАНДА БА ДОХИЛ ВА ХОРИҶИ КИШВАР



*Раҳматулло САМАДОВ,*
*ассистенти кафедраи забони англисии факултаи филологияи хориҷӣ*

Банда ҳафтаи охири моҳи ноябр бо сафари хизматӣ дар Ҷумҳурии Маҷористон (Венгрия), Донишгоҳи Сегеди шаҳри Ходмазаваршей баҳри иштирок дар тренинги навбатии лоиҳаи "PAWER"-и Барномаи Аврупоии ERASMUS+ қарор доштам. Лоиҳа аз моҳи ноябри соли 2016 пас аз оне, ки бо 36 донишгоҳи 13 давлат, аз ҷумла Британияи Кабир, Италия, Маҷористон (Венгрия), Булғористон, Лаҳистон (Полша), Федератсияи Русия, Муғулистон, Тоҷикистон, Узбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Озорбойҷон, Гурҷистон (Исроил ҳамчун давлати кӯмакрасон) шартномаи ҳамкориро имзо намуд ба фаъолият шурӯъ кард. Дорандаи гранти лоиҳаи "PAWER" донишгоҳи Л'Аквилаи Италия мебошад.

Шиори лоиҳа "Роҳ ба сӯи табодули байниминтақавӣ ва таъмини дастрасӣ ба аҳамиятнокӣ, сифатнокӣ ва баробарҳуқуқӣ" буда, маблағи амалишавии лоиҳа ба 1 миллион евро баробар аст. Давомнокии лоиҳа се сол буда, маблағгузорӣ аз тарафи донишгоҳҳои аъзои лоиҳаи "PAWER" ба 100 ҳазор евро баробар мебошад.

Рӯзи аввали тренинг дар толори барҳавои меҳмонхонаи "ГИНКО" барпо шуд ва менеҷери лоиҳа Ҷорҷ Дафулас аз донишгоҳи Миддлсекси Лондон меҳмононро хушомадед гуфта, баъдан ҳар як намоянда оид ба донишгоҳи худ тариқи презентатсия маълумот доданд. Дар рафти намоиши презентатсияҳо ба мо маълум гашт, ки ҳатто дар давлатҳои аврупоӣ, ки кашфкунанда ва пешниҳодкунандаи асосии Системаи Аврупоии Интиқоли Кредитҳо (ECTS) ба шумор меравaнд, на дар ҳама донишгоҳҳои онҳо ин система бараъло истифода мешавад. Барои мисол Донишгоҳи Миддлсекси Лондон системаи кредитии таҳияшудаи худро дошта, як кредити ECTS ба ду кредити онҳо баробар аст ва шкалаи бозшумории баҳо аз 1 то 19 боло рафта се рақами охири он яъне 17, 18 ва 19 баҳои "Ғ" ҳисобида мешавад. 1 то 4 баҳои "А", 5 то 8 баҳои "В", 9 то 12 баҳои "С", 13 то 14 баҳои "D" ва 15 то 16 баҳои "Е" шумурда мешаванд. Дар донишгоҳи Л'Аквилаи Италия бошад дар таълими дараҷаи PhD (Доктори фалсафа) умуман аз системаи кредитӣ истифода карда намешавад. Чунин донишгоҳҳои аврупоие, ки аз системаи кредитии ECTS истифода намекунанд кам нестанд.



Рӯзҳои дигари тренинг дар толори факултаи аграрии донишгоҳи Сегед бургузор шуд. Дар тренинг як қатор экспертони пуртаҷриба аз ҷумла ноиби ректори донишгоҳи Сегед оид ба таълим доктор, профессор Кристина Карсай дар мавзӯи "Чаҳорчубаи Сифатҳои Болония ", профессори донишгоҳи Миддлсекси Лондон дар мавзӯи "Сиёсати интиқоли донишҷӯён ба дигар донишгоҳҳо" ва дигарон дар мавзӯҳои "Шартномабандӣ ва нуқтаҳои муҳими шартнома", "Натиҷаҳои таълим", "Намудҳои кумакрасонӣ ба донишҷӯёни интиқолшаванда", "Раванди ҳуҷҷатсупорӣ ба Барномаҳои Табодули Донишҷӯён" баромад намуда, пас аз баромади ҳар яки онҳо мизи мудаввар ташкил карда шуд ва иштирокчиён оид ба пешрафт ва камбудиҳои ҷойдоштаи донишгоҳҳои ҳамдигар ибрози ақида намуданд.

Лоиҳаи мазкур аз рӯи 7 масъалаи муҳим, ки дар раванди интиқоли донишҷӯён ба донишгоҳҳои байналмилалӣ монеаҳои асосӣ ҳисобида мешаванд ба мисли: а) истифодаи системаи кредитӣ дар донишгоҳҳо, б) баробаркунӣ (ё нобаробарӣ) бо раванди Болония, в) истифодабарӣ (ё истифода набурдан) аз системаи аврупоии ҷамоварӣ ва интиқоли кредитҳо г) механизми дастгирии интиқоли донишҷӯён аз тарафи маъмурияти донишгоҳ, д) раванди интиқоли донишҷӯён, е) раванди интиқоли кредитҳо, ж) раванди бозшумории баҳо кори худро пеш бурда истодааст.

Аз рӯи нақшаи тарҳрезишудаи лоиҳа кулли мушкилотҳое, ки донишҷӯён дар раванди интиқол ба дигар донишгоҳҳо, айёми таҳсил, дар вақти интиқоли кредитҳо, баҳодиҳӣ, фарқиятҳо ва эътирофи дипломҳо рӯбарӯ мешаванд аз тарафи экспертони ботаҷрибаи донишгоҳҳои аврупоӣ ва Осиёи Марказӣ, Федератсияи Русия ва давлатҳои Қафқоз тӯли ду соли оянда бояд пурра омӯхта шуда, роҳи ҳалли онҳо муайян ва он мушкилиҳо бартараф гарданд. Баҳри ноил шудан ба чунин натиҷаҳо аз тарафи лоиҳаи мазкур як қатор тренингҳо дар донишгоҳҳои аврупоӣ бо иштироки экспертони пуртаҷриба гузаронида шуд. Пас аз анҷоми тренинг омӯзгорон аз 36 донишгоҳи 13 давлат соҳиби сертификати Донишгоҳи Миддлсекси Англия гаштанд.

Донишгоҳи моро месазад, ки дар самти муносибатҳои байналмилалӣ баҳри пешрафт ва статуси байналмилалӣ пайдо намудан сиёсати худро тағир дода онро боз ҳам қавитар намуда, мутахассисони забондонро баҳри таълиму тарбияи насли наврас ба кор даъват намояд. Баҳри донишҷӯёни хориҷӣ, ки ба донишгоҳи мо бояд интиқол ёбанд ё донишгоҳи моро интихоб менамоянд беҳтарин шароити таҳсил ва истиқоматро фароҳам оварад. Омӯзгорон аз технология ва методҳои навтарини таълим истифода намуда бо забонҳои русӣ ва англисӣ ба донишҷӯён дарси илм гӯянд. Танҳо бо ин восита донишгоҳ метавонад робитаашро бо дигар донишгоҳҳо қавитар намояд, шартномаҳои дутарафа бо донишгоҳҳои бонуфузи байналмилалӣ имзо намуда шумораи Барномаҳои Табодули Донишҷӯён ва Такмили Ихтисосро бештар намояд ва доду гирифти дутарафа ба амал ояд. Омӯзгорони мо дар давлатҳои хориҷӣ такмили ихтисос намуда, малака, маҳорат ва қобилияти худро сайқал дода аз усулҳои таълимии донишгоҳҳои Аврупоӣ бохабар шаванд ва онро дар донишгоҳи мо истифода бурда мутахассисони ба талаботи бозори ҷаҳонӣ ҷавобгӯро тарбия намоянд.

# ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ТО СОЛШУМОРИИ МЕЛОДӢ



*Шарофуддин НУРМАТОВ,*
*мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он*

Баландтарин нуқтаи рушду инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар асрҳои 8 - 15 то солшумории мелодӣ замони гулгунлшукуфии муносибатҳои ғуломдорӣ дар Юнони қадим ба вуҷуд омада буд. Тақсимоти меҳнат байни заминдорону истеҳсолот ва инкишофи савдо ҳаёти мадании Юнон ва муносибатҳои ҷамъиятиро тағйироти куллӣ дод. Вобаста ба тараққиёти иқтисодию сиёсӣ ва маданӣ ташкилотҳои ҳарбӣ ва системаи тарбия дар ин ё он давлати Юнон мақсаду маром, шакл ва услҳои тарбияи ҷисмониро муайян намудаанд.

Дар Спарта ду муносибати гуногун барои ҳалли масъалаи тарбияи ҷисмонӣ ба вуҷуд омад.

1. Тарбияи ҷисмонии умумии юнониҳо чолокиро дар баробари қувваи ҷисмонӣ ташаккул додаанд.
2. Спартаниҳо тамоми қуввату қудрати хешро барои инкишофи қувва истодагарӣ ва пуртоқатии низомиён сарф менамуданд.

Таълимоти спартаниҳо ва системаи онҳо хеле ҷиддӣ буд. То 7-солагӣ кӯдакон дар оила тарбия мегирифтанд. Дар ин сину сол ба кӯдакон аз торикӣ тарсу ҳаррос надоштанд, гиря накарданро таълим медоданд.

Аз 7 то 18 солагӣ спартанҳо дар зери тарбияи муассисаҳои давлат мемонанд, ки ба таври пурра ба машқҳои варзишӣ сару кор доштаанд. Онҳоро бештар ба гуруснагӣ, сармо ташнагӣ ва тобоварӣ обу тоб медоданд.

Дар тарбияи навҷавонон бештар ба машқҳои диск ва найзапартоӣ, давидан, гӯштинӣ ҷуфтакпарӣ ҳамчунин бозиҳои низомӣ, шикор бо ҳайвонҳои ёбоӣ диққат дода мешуд.

Тарбияи маънавӣ бошад, он қадар ба назар гирифта намешуд. Вақти зиёд барои хондани сурудҳои даставӣ мусиқӣ ва рақс ҷудо карда мешуд. Низоми Давлатии таълимии спартаниҳо ва ташкилотҳои ҳарбии онҳо дар Юнон артиши боқувватарине ташкил намуда буданд, ки солҳои дароз адои вазифа менамуданд.

Варзишгарони спарта дар бисёр бозиҳои Олимпӣ ширкат варзида, маҳорати баланди варзишӣ нишон медоданд. Дар баробари ин Афина, ки маркази тамоми Юнон гардида буд, низоми таълиму тарбия барои ғуломдорони Афина, ки шаҳрвандони соҳибҳуқуқ буданд, қабул шуда буд.

Ин низом фақат ба тарбияи ҷисмонӣ ва тарбияи низомӣ мисли спартанҳо маҳдуд нагашта, балки тарбияи гуногунҷабҳаро дар бар мегирифт.

Шахси ҳаматарафа инкишофёфта касеро мешуморанд, ки аз ҷиҳати ақл, ахлоқ, забон ва варзиш баҳравар ва обутобёфта бошад.

Пайдошавии назарияи илмӣ ва пайдоиши тарбияи ҷисмонӣ дар асарҳои файласуфону донишмандони қадим низ ба назар мерасанд. Онҳо тарбияи ҷисмониро ҳамчун қисми асосии тарбияи умумӣ ва таълимӣ ҳисоб менамуданд. Масалан, Афлотун (427-347 с то солшумории мелодӣ) яке аз намояндагони ашрофзодагони Афина, файласуфи идеалист, эҷодгари назарияи инкишофи гармоники сифатҳои ҷисмонию рӯҳии инсон мебошад.

Ӯ бештар тарафдори системаи тарбияи спартанӣ буда, баъзан дар ин доира таълимоти маънавиро низ тарафдорӣ менамуд.

Афлотун пешниҳод намудааст, ки тарбияи ҷисмонию маънавии ҳамон вақт натиҷаи назаррас медиҳад, ки ҷавонон тарзи ҳаёти қаноатпешагиро дастгирӣ намуда, қоидаҳои характери гигиенӣ доштаро риоя намоянд.

Намояндаи дигари фалсафа (384-322 то солшумории мелодӣ) Арасту низ нисбати тарбияи ҷисму рӯҳ ақидаҳои ҷолиби диққате пешниҳод менамояд. Ба ақидаи ӯ ҷисм ва рӯҳи инсон ба ҳамдигар сахт алоқамандӣ доранд. Се шакли рӯҳро (наботи иродаи матин, хирадмандӣ), ба се раванди тарбия: тарбияи ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ мутобиқ менамояд. Ба ақидаи ӯ тарбияи ҷисмонӣ тарбияи маънавиро пеш мегузорад. Арасту назар ба Афлотун системаи тарбияи спартаниро барои машқҳои ҷиддию мушкил зери танқид қарор додаст. Ӯ муқобили он буд, ки ба таҳсилоти гимнастикӣ ҷараёни атлетикӣ зам намоянд. Ҳамин тавр, файласуфи дигар Демокрид (460-370 с то солшумории мелодӣ) низ менависад, ки машқи бадан барои камол расидани инсон назар ба инкишофи тибии афзалияти зиёде дорад. Суқрот (469-399 то асри мо) ҳам нишон медиҳад, ки саломатии хуб аз бисёр фалокатҳо одамро эмин медоранд.

# МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Таълиму тарбияи фарзанд дар ҷомеаи имрӯза яке аз маъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Мо дар замоне зиндагӣ мекунем, ки инкишофи илму техника ҳамчун замони таҳаввулоти зеҳниву ботинии инсон мебошад. Чунин сурат гирифтани раванди ҷомеа аз мо тақозо мекунад, ки барои беҳтар кардани одобу ахлоқи фарзандони худ кӯшиш кунем. Аз ин лиҳоз, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 2-юми августи соли 2011 Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" пешниҳод кард, ки дар шароити кунунӣ аҳамияти муҳим дарад. Мақсади қонуни мазкур талқин намудани насли наврас дар рӯҳияи ҳудшиносӣ, ватандӯстӣ ва масъулиятшиносӣ мебошад.

Таълиму тарбияи насли наврас раванди ниҳоят ҷиддӣ ва масъулиятнок мебошад. Бояд кӯдакон дар мадди назар падару модарон, омӯзгорон, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ қарор дошта башанд. Барои таълиму тарбияи фарзанд саҳмгузорӣ намудан асоси оила мебошад. Агар падару модар шахсони босавод, донишманд бошанд, фарзандон низ босавод, хушахлоқ ба воя мерасанд.

Мутаассифона, бархе аз падару модарон гумон мекунанд, ки масъалаи таълиму тарбия танҳо вазифаи муассисаҳои таълимӣ мебошад. Чунин фикр боиси он мегардад, ки падару модарон ба таълиму тарбияи фарзандон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намекунанд. Бисёре аз модарон бекор ва хонанишин ҳастанд, лекин кӯдаконро дар боғча мегузоранд, то ки ба онҳо мураббияҳо таълиму тарбия диҳанд. Дар гурӯҳҳо 20-30 кӯдак ҳаст ва мураббия ба онҳо хондан, навиштан ва расмкаширо меомӯзонад, аммо модар аз ӯҳдаи тарбияи як кӯдаки хурд намебарояд.

Бо вуҷуди он, ки имрӯз таваҷҷӯҳи баъзе падару модарон ва шахсони онҳоро ивазкунанда ба раванди таълиму тарбия ва омӯзиши фарзандон то андозае суст шуда бошад ҳам, ғамхории давлат оид ба ин масъала ва қабули қонуни мазкур дар қатори дигар чорабиниҳои таъсирбахши анҷомдодашуда гувоҳи он аст, ки давлати мо таълиму тарбияи кӯдаконро вазифаи худ мешуморад.

**Умеда САЙДАЛИЕВА,**
*омӯзгори кафедраи ферменологияи Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб*

# МО БО ПЕШВОИ МИЛЛАТЕМ!



*Ширинмоҳ АБДУРАҲМОНОВА, донишҷӯи соли 1-уми факултаи филологияи рус*

Ҷанги шаҳрвандӣ яке аз мудҳиштарин ҳодисаҳо дар таърихи давлатдории тоҷикон ба ҳисоб меравад. Соле, ки ҳаёти тамоми мардумро бесарусомониҳо фаро гирифта буду давлатро хатари пошхурӣ таҳдид мекард. Дар он замон ба мардуми тоҷик сарваре лозим буд, ки тавонад миллати тоҷикро аз нав сарҷамъ кунаду ба мардуми тоҷик сулҳ оварад, аммо ин кори саҳлу осон набуд.

16-уми ноябри соли 1992 дар таърихи давлатдории мо боз як саҳифаи навин кушода шуд. Дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қасри Арбоби шаҳри Хуҷанди бостонӣ баргузор гардид, ба бахти мо ба сари ҳокимият марде омад, ки тавонист сарнавишти миллати тоҷикро иваз кунаду марҳами дарди дили озордидагон гардад.

***Омад ба сари қудрат марде, ки тавонист,***
***Сарҷамъ кунад миллати тоҷикро зи нав.***

Оре, Эмомалӣ Раҳмон тавонист ба ваъдаи додаи худ, ки гуфта буд "Ман ба шумо сулҳ меоварам" амал карда, ба мардуми тоҷик сулҳ, озодӣ ва ободӣ оварад.

Мо ҷавонон, хусусан донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ пайравони Пешвои миллат буда, тайёрем баҳри ободӣ ва гулгулшукуфоии Ватани азизи худ ҷони худро фидо созем.

# ДӮСТИ ХУБ ПАЙДО КАРДАН ХЕЛЕ МУШКИЛ АСТ!



*Ҳанифа АЛМАТОВА, донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия, биология ва география*

Дар зиндагӣ ду чизро ба худ таҷруба кардам: яке дӯсти хуб доштан ва дигаре хоксориро пешаи худ намудан. Ҳар як шахс орзӯи ба худ дӯсти хуб ва наздик доштанро мекунад. Афсус, ки он нафарон ба орзуи худ расида наметавонанд, чунки дар замони ҳозир дӯсти хуб пайдо карда наметавонанд, зеро он ҳама дӯстон забониву нонӣ шудаанд. Куҷаст, он дӯсте, ки имрӯз дар пастиву баландии зиндагӣ ҳамроҳат бошад? Ҳозир дигар дӯсти ҷонӣ намондааст. Дӯстони нонӣ чашму нафсашонро ба моли ту андухта, вақте пулат тамом шуд, онҳо дигар туро намешиносанд ва гӯё надидаанд. Имрӯзҳо ман худро яке аз беҳтарин шахсони рӯи дунё мешуморам, ки Худованд ба ман на танҳо дӯст, балки шахсиятеро, ки аз ҷиҳати зоҳиру ботин куллан аз дигар нафарон фарқ мекунад ошно сохтааст. Ин ҳамон духтари хуҷандие мебошад, ки ӯро ном Нилуфар аст. Ӯ чунон хоксор, латифу нарм сухан мекунад, ки як сабақеро аз ӯ омухтан мумкин аст. Тӯли як соле, ки бо ӯ дар як хона зиндагӣ мекунам, аз даҳони вай ягон сухани қабеҳе нашунидаам, бо вуҷуди падараш сарватманд будану дар хонаҳои боҳашамат зиндагӣ карданаш ӯ худро тамоман хоксору ҳалим мешуморад. Барои чунин дӯст ҷонро фидо месозам. Пас, саволе ба миён меояд, ки чаро духтари сарватманде бо як деҳқондухтар дӯст шуда метавонанду мо инсонҳои оддӣ байни худ дӯст шуда наметавонем?

# МЕҲРИ МОДАР



*Бибихаёти МАҲМАДАЛӢ, донишҷӯи соли 2-юми факултаи омӯзгорӣ*

Модар! Ҳангоме, ки ин калимаро ба забон меорам, аз чашмонам ғурраҳои ашк ҷорӣ мешавад. Пеши назарам ҳамчунон вонамуд мегарадад, ки ҷилвааш чашмонамро хира мегардонад. Бузургии модарро наметавон бо ҳарфе, каломе ва ё достоне маънидод намуд. Ӯ қиматарин неъмати рӯи дунё, сарчашмаи муҳаббати бекарон, чашмаи мусафо ва маҳзани ганҷи фарзанд аст. Модар нисбат ба фарзанд дар дунё он қадар ранҷу азобе мекашад, ки ҳамаи онҳоро ба гӯши фалак як - як нақл кунем, гӯши фалак кар мешавад. Ӯ ба хотири осоишу роҳати фарзандаш шабзиндадорӣ карда заҳмат кашида, моро ба воя мерасонад, то ки сазовори илму дониш ва касбу ҳунар гардем, зеро ба ҷуз модар каси дигар аз дили фарзанд огоҳ нест ва фарзанд низ модарро беҳтарин ва нахустин муаллими ҳаётии худ медонад. Инсон баъд аз раҳо гаштан аз оғӯши гарми модар қимати ӯро дарк мекунад. Чунки модар фариштаи рӯи олам, давомдиҳандаи умри инсон ва зебу зиннати ҳар хонадон аст. Мутаассифона, на ҳама вақт мо ба иззати ин ганҷи бебаҳо расида метавонем. Гоҳ дар дарёи пуршури ҷавонӣ, ишқу ҳавас заврақ меронем, модарро фаромӯш месозем, аммо баъд аз кирдори худ пушаймон гашта, ӯро намеёбем.

# ИНТИХОБИ КАСБ - МУШКИЛИ ҶАВОНОН



*Бахтовар БОБОЕВ, донишҷӯи соли 1-уми факултаи филологияи хориҷӣ*

Барои беҳтару хубтар гардонидани шароит ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва аз бар намудани забонҳои хориҷӣ технологияи муосир дар дараҷаи аввал интихоби дурусти касб мебошад.

Ҳар як шахс дар дил касберо мепарварад ва барои расидан ба он аҳамияти басо ҷиддӣ медиҳаду барои амалӣ гаштанаш саъю талошҳои зиёд мекунад, зеро касби интихобкардааш метавонад ӯро дар байни дӯстону наздикон ва ҳатто дар ҷамъияту давлат соҳибэҳтироми воломақом гардонад, вале имрӯз шоҳиди он ҳастем, ки ҷавонон мо ҳоло ҳам дар интихоби дурусти касб танқисӣ мекашанд. Муассисаҳои таълимиро хатм мекунанду ҳоло ҳам касби дурусти худро интихоб накардаанд ва дар охири соли таҳсил дар интихоби касбашон таваккал мекунанд, ки ин натиҷаи хубе надода боиси рӯҳафтодагии онҳо мегарданд, яъне онҳо худро дилшикаста гирифта, ба ҳеҷ ваҷҳ фикри аз нав барқарор кардани интихоби дурусти касбашонро намекунанд. Интихоби касби дурусти ҷавонон ва мушкилӣ кардан дар касбашон ба он сабаб аст, ки онҳо ба идеяҳои бардурӯғи шахсони дигар бовар карда, бо андешаву фикрронихои худашон тарҳрезӣ мекунанд, ки ин боиси хатоии онҳо мегардад. Бинобар ин, аз ҳамаи волидайн хоҳиш карда мешавад, ки барои интихоби дурусти касби фарзандоношон чораандешиҳои зиёде намоянд, яъне аз онҳо пурсон шаванд, ки кадом касбҳоро интихоб намудаанд, оё қобилияту малакаи касбии худро доранд ё не? Вақте ки фарзанд аз волидайн мепурсад, ки ман кадом касбро интихоб намоям, онҳо ҷавоб медиҳанд, ки мо дар ин мавриди ҳеҷ чиз гуфта наметавонем, албатта муаллимон оид ба интихоби касби онҳо фаҳмондадиҳии зиёде менамоянд, вале беҳтар мешуд, ки волидайн ба ҷойи суханҳои дар боло зикршуда чунин қайд менамуданд, ки фарзандам ин касби интихоб кардаат дуруст аст, ба шарте ки сидқан дӯст дошта, амали солеҳ намоӣ.

Хонандаи азизу меҳрубон! Боварии комил дорем, ки шумо аз ин мақола ғизои маънавӣ дарёфта, бе ягон монеа касби худро дуруст интихоб карда метавонед.

# МИНБАРИ

## ЗНАНИЕ ИЛИ ДЕНЬГИ?



*Гулнора ГУЛМАДОВА, студентка 202 группы факультета русской филологии*

С целью повышения уровня политического, культурного и нравственного самосознания молодёжи, студенты второго курса организовали вечер спора и смеха под названием "Почувствуй себя молодым", посвящённого "Году молодёжи".

С этой целью для обсуждения были поставлены следующие темы для дискуссии: "Что важнее - знание или деньги?", "Почему молодёжь одевается не модно?". Завязался долгий, интересный, аргументированный спор, в котором студенты, высказывая свои мнения, отмечали, что без знаний человек не может целесообразно распоряжаться деньгами, другие возражали и говорили обратное, третье утверждали, что богатый человек может нанять себе знающего своё дело специалиста.

Был задан встречный вопрос: Почему большинство отличников оказываются без работы и денег, а двоечники становятся богатыми предпринимателями и руководителями? Дискуссия становилась всё жарче и жарче, где высказывались мнения, что все -таки без знаний человек считается отстающим, не культурным, не воспитанным и кажется дураком, т.е. он тёмная сторона, но если человек, имея знания не может умело и цельно их использовать, то окажется без ничего, то есть на работе умный человек должен быть исполнительным, ответственным, знающим своё дело, умелым, практиком и отличным специалистом. По теме "почему молодёжь одевается не модно?" были взгляды разного характера, где обсуждались причёски и одежда современных девушек и парней, которые из-за плохого знания правила этикета и эстетики не умеют правильно одеваться смешивают элементы одежды: национальной и европейской. Поэтому молодёжь должна одеваться согласно потребностям времени, при этом соблюдать законы правительства, касающиеся нашей национальной одежды.

Прозвучали несколько мнений, в которых большинство парней подчеркивали, что "восток дело тонкое" и, хотелось бы видеть наших прекрасных, застенчивых, длинноволосых девушек в чисто национальных нарядах, которые добавляют их красоте изящество и шарм, а девушки предлагали, чтобы парни тоже одевались соответственно, со вкусом, красиво, элегантно и отличали повседневную одежду от спортивной или протокольной. Спор был долгим и интересным, где проводились интересные игры: "Кто быстрее ест", "Правда и ложь", "Танец на ватмане", в ходе чего студенты с удовольствием принимали участие. Был проведён тур смеха, в котором студенты рассказывали анекдоты и смешные истории.

В завершении был объявлен "Белый танец", а после вся аудитория устроила небольшую дискотеку. По результатам проведенных игр самым активным участникам подарили подарки и наградили грамотами: "Лучшему танцору", "Лучшему таланту", "Активному участнику". Хотелось бы пожелать, чтобы студенты стали активнее, взяли инициативу в свои руки и почаще проводили такие интересные, нравоучительные, полезные и воспитательные мероприятия.

*Навқалам*

## ПАДАРҶОНАМ



*Пӯлод ҚОСИМОВ, донишҷӯи соли 3-юми факултаи омӯзгорӣ*

*Падарҷонам сутуни хонадонӣ,*
*Аҷаб ширинзабону меҳрубонӣ.*
*Ду дасти бар дуо дорам шабу рӯз,*
*Бимонӣ ту ҳамеша ҷовидонӣ.*
*Басо хорӣ кашидӣ, эй падарҷон,*
*Ки фарзандат бимонад дар амонӣ.*
*Чӣ ширин аст падар баҳри фарзанд,*
*Ҳамеша меҳрубону гамгусорӣ.*

*Равшан шавад чароғи дили мо зи ҳамдигар,*
*Чун риштаҳои шамъ ба ҳам зиндаем мо. Соиб*



# ДОНИШҶӮ

## ҲАҚҚИ УСТОД...



*Саида ИДИЕВА,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*

***Ҳаққи устод аз падар беш аст,***
***В-аз падар устод дар пеш аст.***

Оре, қадри устод аз падар беш аст, чунки падарон доимо овора ва барои ба даст овардани ризқу рӯзи ҳастанд, вале устодон ҳамеша кӯшиш мекунанд, то шогирдонашон соҳиби донишу касбу ҳунар гарданд. Устод барои он ки шогирдаш чизеро аз бар намояд, шабу рӯз аз пайи омӯзиш мегардад. Беҳуда бузургон нагуфтаанд.

***Хоҳи ки тифл хонаду соҳибҳунар шавад.***
***Устоди аввалини ӯ хуни ҷигар шавад.***

Устод чароғи пурнурест, ки бо дурахши илму дониш оламӣ тори шогирдро нуронӣ мегардонад. Баъзе аз ҷавонони имрӯз даст ба корҳои ношоиста зада аз илму маърифат дур мегарданд. Барои аз илму маърифат дур мондани насли наврас маҳз устодонро гунаҳкор месозанд, вале ин хатто ҳаст, чунки касби муаллим кори саҳлу осон нест. Шояд баъзе муаллимон таҷрибаи кори кам доранд ва психологияи шогирдонро хуб намедонанд. Чунин устодон ба назари ман хело кам ба чашм мерасанд, чунки шумори устодони таҷрибадор дар донишгоҳ хело зиёд аст. Ҳатто номи ин гуна устодони донишманду таҷрибанок дар сатҳи дохилу хориҷи кишвар овоздор гаштаанд.

Рости, соли аввале ки ба донишгоҳ по ниҳодам, аз илму адаб кам бархӯрдор будам ва дар вақти ҷавоб додани дарс ҳиссиёту ҳаяҷон ба тарс доштам, ҳарчанд ки ба дарсҳо омода будам ҳиссиёту ҳаяҷон намегузошт нутқи худро ифшо созам.

Дар соли 2-юме, ки таҳсил кардам, суханони таъсирбахши устод Каримов Фаррух "Ту ҳам метавонӣ, мисли ҳамкурсонат хуб ҷавоб диҳӣ, тарсро аз дилат дур созӣ! Ту аз онҳо чӣ фарқ дорӣ? Дасту пои равон, чашми бино ва гуши шунаво дорӣ, падару модарат дар болои сарат ҳаст чаро намехонӣ?" Ин суханон ба ман таъсир кард. Тамоми ҳиссиёту ҳаяҷон аз ман дур гашт. Суханон ҳарчанд дағалона набуданд, вале ба ман таъсир намуданд. Аз устод малол нашуда, баръакс хело хурсанд шудам.

Мисли ин устод, устодони донишманд хеле зиёд ҳастанд, ки дар донишандузии шогирдон саҳми зиёд гузоштаанд ва талаботи мо шогирдонро қонеъ менамоянд, ки онҳо устод Сангов Қ., Давлатов Э., Сайдалиева С., Фатоев А., Қосимова З., Афизов С. ва монанди инҳо кӯшишҳои зиёде намудаанд. Барои он ки мо низ дар оянда мутахассиси хуб шавем ва ба насли наврасӣ миллат хизмат намоем. Бояд мо бо суханони нарму таъсирбахш ва диққатҷалбкунанда диққати шогирдонро барои аз бар намудани технологияи нави иттилоотӣ ҷалб намоем, нагузорем онҳо бесаводу гумроҳ гарданд. Чунки ояндаи миллат дар дасти ҷавонону наврасон аст.

*Навқалам*

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ



*Абдусамад ИСОЗОДА,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултаи омӯзгорӣ*

*Кардаӣ худро сипар,*
*Ҷон гузоштӣ дар хатар.*
*Баҳри ҳифзи ин Ватан,*
*Сарсон ба ҳар кӯю дар.*
*Бехонаву парешон,*
*Сарҷамъ бикардӣ онон.*
*Эй Пешвои миллат,*
*Эй раҳнамои миллат.*
*Бар ятимон чун падар,*
*Бар маъюбон чун сипар,*
*Бар Тоҷикистон сарвар.*
*Арзанда ба ҳар минбар.*
*Эй Пешвои миллат,*
*Эй раҳнамои миллат.*

## ХУСУСИЯТҲОИ ШИФОБАХШИИ БАРГИ ЗУФ



*Меҳрангез МАЗАРИФОВА,*
*донишҷӯйи соли3-юми факултаи химия, биология ва география*

Зуф растаниест, ки ду намуд мешавад. Якеро баргаш камбару дароз, ки аз миёни баргҳояш пояи борике мехезад ва дар сари он поя тухм мебандад. Навъи дигареро, ки баргаш васеъ ва шаклаш дароз нест, назар ба барги хели якум калонтар мебошад. Агар банди барг ё баргашро аз бандаш ҷудо кунанд, чизҳои риштамонанд аз он зоҳир мегардад. Ин навъаш аз миёнаи поя то нӯгаш зич тухм мебандад, ки ин баргро барги зуф ном мебаранд.

Мо ба воситаи мушоҳидаҳои худ муайян намудем, ки ҳарду навъаш ҳам барои даво хуб аст. Тухми навъи дуюмаш сиёҳтоби кулула ва майдатар аз навъи якумаш мебошад. Мизоҷаш дар дараҷаи дувум сард ва хушк аст, вале дар тухм ва решааш хушкӣ зиёдтар мебошад. Ҳар як қисми зуфро бихӯранд, хун қайд карданро манъ мекунад ва тамоми хунравиҳоро аз ҳамаи узвҳои ботинӣ банд менамояд, (аз ҷумла: хуни биниро ҳам) ва барои иллати сар даво мебахшад. Агар инро дар бинӣ бирезанд ё дар пеши сар банданд, ҳамин таъсирро дорад. Обашро нимгарм ботакрор дар гӯш чаконан, дарди гӯшро, ки агар аз гармӣ бошад таскин медиҳад.

Решаашро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳон гардонанд, ё баргашро бихоянд, дарди дандонҳоро таскин мебахшад, ҳатто доначаҳои дар дамидаро ҳам, ки баъдтар ин иллати даҳон аст дафъ мекунад. Милки дандони сустгаштаро мустаҳкам менамояд ва хунравиро аз он боз медорад. Оби навъи борикбарги онро дар даҳон гардонанд, ҷӯшиши даҳонро дафъ мекунад.

Оби баргашро хоҳ бимоланд ва ё бичаконанд, дарди чашмро, ки аз гармӣ бошад, шифо мебахшад. Доруҳои чашм дар оби ин гиёҳ соида мешаванд ва худаш низ ба давои чашм дохил карда мешавад. Тухмашро бихӯранд, хунравиро аз дарун манъ мекунад. Наскро бо барги он якҷоя пухта бихӯранд, дамкутоҳиро шифо мебахшад. Ҳар рӯз баъди наҳорӣ оби барги зуфро, яъне ним ё як соат пеш аз хӯрок ва бегоҳирӯз низ аз 150 то 180 грамм то як моҳ бинӯшанд, саратони меъдаро шифо мебахшад.

## РОЗИ МОДАР...



*Мадина МИРЗОЕВА,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултаи иқтисод ва идора*

Ҳар инсоне, ки ба қадри модар мерасад, маънои онро дорад, ки ватанашро дӯст медорад. Тозагию покии дунё ҳама аз дасти модар аст. Меҳри беҳамтои модар ҳамчун хуршеди ҷаҳонтоб аст, ки ба ҳама чо равшанию гармӣ ато мекунад. Аввалин овозро аз забони модар мешунавем. Хушбахтии духтар, сарбаландии ҳамсар осоиштагии оила аз панду насиҳатҳои модар сарчашма мегирад. Касе ки аз ҳама бештар азоби интизориро мекашад, ин модар аст. Модарон ҳар вақте ки пазмони рӯи фарзандон мешаванд, бо расми онҳо гуфтугӯ мекунанд. Қалби модар ҳазорҳо рози фарзандонро пинҳон мекунад. Эҳтироми модар чун намоз қарзи фарзандист. Танҳо модар аст, ки сахтиҳои зиндагиро ба мо қисмат мекунад. Модар мисли гул нозуку оромтабиат аст, вале дар дифои фарзанд модаре мешавад, ки душманашро мағлуб менамояд. Модар моро нӯҳ моҳ дар батнаш ба қариб ду сол дар китфу оғӯшаш ва тамоми умр дар паноҳаш нигоҳ дошт. Модар нахуст ғами фарзандон, шавҳар ва аз ҳама охир ғами худро мехӯрад. Ширинтарин таоме, ки фарзанд хӯрдааст, шири модар аст. Лаҳзаҳои ширинтарини ҳаёти модарон он лаҳзаҳое ҳастанд, ки фарзандон ҳама дар оғӯши модар дар хонаанд.

Сафедии шири модар қалби моро мусафою роҳи моро равшан мегардонад. Ягона таманои модар аз Парвардигор он аст, ки фарзандонашро бо роҳи рост ҳидоят намояд. Ҳеҷ покӣ ба покии шири модар баробар шуда наметавонад. Дили пурмеҳру дасти табаррукӣ модарон аст, ки зиндагӣ рангину гуворост.

## ДУНЁ ЧИ ҚАДАР ШИРИН АСТ...



*Суҳроб ТОШБУЛАТОВ,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултаи молиявию иқтисодӣ*

Дунё хеле ширин аст. Аз лаззати дунё ҳар лаҳза метавонӣ, ки кайфият барӣ. Ҷавоне бо духтари зебое ошиқ мешавад ва ба назди падараш рафта мегӯяд?

- Падар, ман ба як духтари зебо ошиқ шудаам ва мехоҳам, ки ӯро бар ман хостгорӣ бикунӣ.

Падар ба хостгорӣ рафта, баъд аз дидани духтар ба писараш мегӯяд:

- Писарам, ту лоиқи он духтар нестӣ, зеро он духтар хеле зебост. Лоиқи он духтар онест, ки таҷрибаи зиндагӣ дошта бошад. Масалан, ба монанди ман.

Фарзанд ҳайрон шуда мегӯяд:

- Падар, ин чи аҳвол аст? Ту чиҳо мегӯӣ?

Сипас, байни падару писар ба хотири он духтари зебо ҷанҷол сар мезанад. Полисҳо барои ҷудо кардани онҳо меоянд. Пулис манзараро фаҳмида, духтарро чеғ мезанад. Духтарро назди пулис меоранд. Пулис духтарро дида, чунин мегӯяд:

- Эй падару писари аблаҳ, шумо лоиқи ин духтари зебо нестед, зеро барои ин духтар шахсе лозим аст, ки обруманд бошад, байни мардум эҳтиром дошта бошад. Ин гуна шахс ман ҳастам.

Сипас, байни полис ва падару писар ҷанг мешавад. Дар ин ҳолат духтар мегӯяд:

- Каме сабр кунед. Ман роҳи ҳалро мегӯям. Ҳоло ман медавам ва касе, ки маро дастрас карда тавонад, аз они ӯям. Духтар чунин мекунад. Онҳо аз пасаш давида, ба ҷоҳе меафтанд ва духтар омада чунин мегӯяд:

- Ман лаззати дунё, нафси шумо ҳастам, ки ҳамаро ба якдигар душман мекунам ва оқибат ҳалок мегардонд.

Донишҷӯёни азиз! Пас, ошиқи ин дунёи бевафо нашавед. Ин дунё ба монанди занест, ки чандин шавҳар дорад ба худ одамро ошиқ месозад.

## БЕ ПУЛУ ТАҒО НИЗ ТАҲСИЛ ИМКОНПАЗИР АСТ!



*Абдуллоҳ ҒУРБАТӢ,*
*донишҷӯи соли 2-юми ихтисоси рӯзноманигорӣ факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*

Ҳамеша ба ин андеша будам, ки таҳсил дар донишгоҳ бо донишу кӯшиш беҳтар аст ва бе ҳеҷ тангаву тағо-ву амак метавон дар ин роҳ муваффақ шуд. Намедонам кӣ ин андешаро ба мафкураи мардуми мо ҷой кардааст, ки бе пулу тағо таҳсил дар мактиби олӣ ғайриимкон аст, вале бо боварӣ мегӯям, ки ин ҳамон танбалҳои беғайрат ҳастанд, ки бо ҳар баҳона мехоҳанд худро дар назди волидон ва шиносонашон ҷабрдидаву муаллимонро аждаҳо намудор кунанд.

Хушбахтона, имрӯз тамоми имкониятҳо барои илмомӯзӣ фароҳам аст ва ҳар донишҷӯе, ки андак кӯшиш намояд, бе ягон тағову танга метавонад соҳиби донишу савод ва баҳои сазовор гардад. Зиёда аз ин донишҷӯёне, ки фаъолияти хуб нишон медиҳанд, ҳатман аз тарафи садорати донишгоҳ бо сипоснома ва тӯҳфаҳои пулӣ қадр карда мешаванд.

Албатта, мо инҷо намегӯем, ки муаллимон тамоман пора намегиранд, вале бо итминон мегӯем, ки ҳар касе мехонаду худро ба қавле камакак ғам медиҳад, бе додани пора баҳои сазовори худро мегирад.

Дар машваратҳои пеш аз ҳуҷҷатсупорӣ бисёриҳо мегуфтанд, ки донишгоҳ ҷои бачаи деҳқон нест, ин ҷо пул ва амак ба кор меояд на донишу савод. Ҳарчанд кӯшиш кунӣ, ҳамоно аз ту пул талаб хоҳанд кард. Аз чунин ҳарфҳо хашмам меомад ва мехостам дар таҷрибаи худ собит созам, ки ин андеша куллан хатост.

Бо ҳамин маром соли 2016 аз имтиҳонҳои Маркази миллии тестӣ гузашта, донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гаштам. Тӯли тамоми муддати таҳсил дар ин даргоҳ ҳамеша бо дониши худ такя намуда, кӯшишу талош кардам ва исбот намудам, ки таҳсил дар донишгоҳ бидуни тағову амак ва додани пул имконпазир аст.

Ҳоло мехоҳам ба тамоми он нафароне, ки нияти дар донишгоҳ дохил шудан доранд ва дар дил ин тарсро мепарваранд, бигӯям, ки ин андешаро аз сарашон дур созанд. Донишгоҳ пеш аз ҳама даргоҳи илму дониш ва имкониятҳои нав аст. Ҳар касе, ки дар дил орзуи армони хондан дорад ва дар пеши худ ҳадафи муайян гузоштааст, бешак метавонад муваффақ шавад. Таҳсил дар донишгоҳ бидуни пулу тағо ҳам имконпазир аст ва ин ҷо бояд ҳеҷ шакке вуҷуд надошта бошад.

● БАХШИДА БА СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

# ЭҲЁ ГАРДИДАНИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

***"Шахси ҳунарманд хоҳ зан бошад хоҳ мард бо ҳунари доштаи худ дар ягон давру замон хор намешавад, ӯ метавонад бо меҳнати худ оилаи худро аз ҳама гуна пастиҳои зиндагӣ роҳо созад".***

***Эмомалӣ РАҲМОН***



*Зуҳро САЙДАЛИЕВА,*
*ассистенти кафедраи забони англисӣ*

Таърих гувоҳ аст, ки аз қадим мардум ба ҳунарҳои миллӣ шавқи беандоза доштанд. Санъати амалии халқӣ ва навъҳои гуногун дар ҳаёти мардум ҷойгоҳи хоса дошта, як падидаи муҳими фарҳанги миллии тоҷикон мебошад. Ҳунарҳои халқӣ беҳтарин ва холистарин анвои санъат буда, ҳамеша ба ҳаёти инсон алоқамананд. Онҳо ҳисси зебоипарастии халқро таҷассум мекунанд. Инкишофи ҳисси зебопарастии инсонро дар бозёфтҳои бостоншиносон, ба монанди китобу дастхатҳои нодир ва мусавварахо, ки дар онҳо фарҳанг, ҳунари меъморӣ ва расомӣ, ҳамчунин хусусияти рӯзгори маишии мардуми даврахои қадим инъикос ёфтаанд, пайгирӣ метавон кард.

Ҷомеаи даврахои гуногун равияҳои хосро дар соҳаҳои мухталифи санъату ҳунар ба мерос гузошт, ки дар ҳар як тарзи зиндагии мардум таҷассум ёфтааст. Дар замони мо тадқиқоти илмӣ дар соҳаи тарбияи ҷавонон бо назардошти таълими ҳунарҳои мардумӣ мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Ҳадафи олимон баҳодиҳӣ ба таҳлили рушди ҳунармандӣ ва таъсири он, ба ҷавонон омӯзонидани ҳунарҳои эҷодӣ, бо такя ба онҳо ташаккул додани ҳунарҳои наву муосир мебошад. Дар доираи тадбиқи иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ то имрӯз даҳҳо мактаби ҳунармандон дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон ташкил шуда, ба фаъолият оғоз намудаанд.

Ҳамин ҳунармандии мардуми заҳматкаши тоҷик буд, ки бо пешниҳоди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ соли 2018-ро Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуданд ва дар ин раванд Ҳукумати мамлакатро дастур доданд, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ба соҳибкорон ва ҳунармандон ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнокро тавассути Фонди дасгирии соҳибкорӣ васеъ ба роҳ монанд. Инчунин, бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1-уми январи соли 2018 фурӯши чунин молу мавод аз пардохти ҳамаи намуди андоз озод карда шаванд, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Пешвои миллат ба мардуми бонангу номуси тоҷик ифтихор дорад ва умедвор аст, ки халқи заҳматкаши тоҷик ӯҳдабарои ҳама гуна ҳунарҳо шуда метавонанд.

Таҷассуми ҳунарҳои миллӣ дар ороиши сару либос, ҷиҳози хона, муҳити зист ва ғайра мушоҳида мешавад. Масалан, барои омӯзиши таърихи либос асарҳои санъати тасвирӣ, меъморӣ, адабиёт, ҳуҷҷатҳои таърихие, ки зиндагии маишии мардум ва фарҳанги даврахои гузаштаро инъикос месозад, сарчашмаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Шакл ва хусусиятҳои сару либос дар ҳама давру замон фарҳанги маънавии халқ, урфу одат ва муносибати мардумро ба ин ё он падидаву ҳодиса нишон медиҳад. Санъати ороиши либос бо зардӯзию кашидадӯзӣ, гулдӯзии куртаҳои чакани халқҳои Осиёи Миёна ҳар яке бо сабки хос инкишоф ёфтаанд, зеро дар тӯли асрҳо ороиши сару либос бештар дар кӯҳистон, ҷиҳози хона ва ашёи рӯзгор дар водиҳо, хуллас, аз бисоти тифл то ҷиҳози арӯс дар худи хонадон ба ҷо оварда мешуд.



Инкишофи ҳунарҳои меъморӣ, кулолгарӣ, мисгарӣ, заргарӣ, қолинбофӣ ва кашидадӯзӣ ба рушди наққошӣ низ мусоидат кардааст. Наққошони тоҷик беҳтарин анъанаҳои ҳунармандони гузаштаро идома дода, санъати нақшофариро такмил додаанд. Имрӯз анъанаҳои ҳунари наққошӣ ҳангоми бунёду ороиши биноҳои фарҳангию маърифатӣ (тарабхона, чойхона, масҷид, қасри фарҳанг ва ғайра) корбаст мешавад. Устоҳои халқӣ, аз ҷумла наққошону кулолгарон, мисгарону зардӯзон ва қолинбофону косибон дар офаридаҳояшон нақшу нигорро чун воситаи асосии ороиши бадеи корбаст менамуданд. Ҳар як нақшу нигор маънои хост дошта, аз ҷониби халқ номгузорӣ мешуд ва аксари онҳо нишони эътиқоду бовар ба урфу одате буданд.

Ҳунару ҳунармандӣ дар асоси анъанаҳои миллӣ ташаккул ва ривоҷу равнақ ёфтаанд. Инро дар мисоли тӯи арӯсию домодӣ, ки бидуни сӯзаниву руйҷое, ки ҳам кашидадӯзӣ ва ҳам қуроқдӯзӣ шудаанд, дидан мумкин аст. Ҳамзамон, ҳунари кандакорону чӯбтарошонро дар сохтани табақу коса, кати миллӣ, сутунҳои зебо, маснуоти армуғонӣ, гаҳвораҳо мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳунармандони тоҷик дар баробари фаъолияти пурсамар дар тарбияи шогирдони боистеъдод низ саҳм гузоштаанд. Дар тайёрии касбии ҳунармандон ва омӯзгорони оянда машғулияти санъати ороиши амалӣ нақши асос доранд, зеро онҳо аз донишҷӯён хотираи биноӣ, хаёлоти рангин, маҷмӯи дониш ва малакаву маҳоратро талаб мекунад. Гузашта аз ин, донишҷӯён бояд аз анъанаҳои ҳунармандии халқи тоҷик огоҳ бошанд. Зарур аст, ки дар таълими фанҳои тахассусӣ-кандакорӣ, гаҷкорӣ, наққошӣ, кашидадӯзӣ, кундалрезӣ, армуғонсозӣ дар офаридани ҳунарҳои мардумӣ ба инкишофи ҳисси худшиносӣ, ватандорию ифтихори миллӣ, инчунин такмили маҳорат мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, ҳамаи мо омӯзгоронро зарур аст, ки ҳар чи бештар ҷавононро ба ҳунармандию ҳунаромӯзӣ сафарбар намоем, чунки ҳадафи ягонагии Пешвои миллат ин ҳарчи бештар ҷалб намудани ҷавонон ба омӯхтани касбу кор ва ҳунару ҳунармандӣ мебошад.

# БАРНОМАИ

## ЧОРАБИНИИ "ДАР МЕҲМОНИИ РЕКТОР"-И ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

| | | |
|---|---|---|
| | **РӮЗИ ЯКУМ** | |
| | **26-уми январи соли 2018** | |
| 1. | 8:00 то 9:00 | Қабули меҳмонон дар назди бинои маъмурию таълимӣ |
| 2. | 9:00 то 10:00 | Намоиши дастовардҳои донишгоҳ |
| 3. | 10:00 то 11:20 | Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Ҷовидон бод, ҷавонӣ ва ҷавонон!». 1. Сухани ифтитоҳии ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, Узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло. 2. Сухан ба меҳмонон. |
| | **Бахши пленарии конфронс** | |
| 4. | 1. Маърӯзаи мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Каримов Далер дар мавзӯи «Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди фаъолияти ҷавонон»; 2. Маърӯзаи мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Икромов Раҷабалӣ дар мавзӯи «Ҷавонон - ҳимоятгари дастовардҳои даврони истиқлолият»; 3. Маърӯзаи мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Наврӯзов Эҳсон дар мавзӯи «Ҷавонон - нерӯи созандаи давлати соҳибистиқлол»; 4. Маърӯзаи мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳи давлатии Данғара Саидов Музафар дар мавзӯи «Ҷавонон - пайрави Пешвои миллат»; 5. Қабули мурочиатномаи ҷавонон. | |
| 5. | 11:30 то 12:30 | Шиносоӣ бо донишгоҳ |
| 6 | 12:50 то 13:50 | Хуроки нисфирӯзӣ |
| 7. | 14:00 то 15:00 | Мулоқоти ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло бо намояндагони донишгоҳҳои олии кишвар |
| 8. | 15:30 то 17:00 | Шоми ҷавонӣ таҳти унвони «Пояндаю ҷовид бод, Ваҳдати ҷавонон!». |
| 9. | 17:20 то 18:20 | Хӯроки шом |
| | **РӮЗИ ДУЮМ** | |
| | **27-уми январи соли 2018** | |
| 10. | 8:00 то 9:00 | Хӯроки саҳар |
| 11. | 9:00 то 10:20 | Зиёрати оромгоҳ ва дидан аз осорхонаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Дидан намудани меҳмонон аз осорхонаи шаҳри Кӯлоб ва Маҷмааи таърихии «Қалъаи Кӯлоб» |
| 12. | 10:30 то 12:30 | Намоишномаи театрӣ таҳти унвони «Баҳори Ваҳдат» |
| 13. | 13:00 то 14:00 | Хурокӣ нисфирӯзӣ |
| 14. | 14:00 | Гусели меҳмонон |

# АКСҲОИ ГӮЁ






*Нодиданист сурати бемаънии ҷаҳон,*
*Равшан бисоз оинаи тори хешро.* *Соиб*



## ҒОЛИБИ КРОССВОРД МУАЙЯН ШУД!

Боиси хурсандист, ки хонандагон ба рӯзномаи "Анвори дониш" таваҷҷӯҳи хосса доранд. Ба кроссворди шумораи гузашта 4 нафар ҷавоб пешниҳод кард. Аз ин шумора 3 нафарашон танҳо 1 хатой кардаанду (Шаҳбози Рустамшо, 30.12.2017, соати 11:59, Шарифов Бедилҷон, 30.12.2017, соати 12:00, Сафаров Бахтиёр, 30.12.2017, соати 12:16,) 1 нафари дигар 3 хато (Холматов Баҳром, 30.12.2017, соати 12:58). Аз ин рӯ, мо аз он се нафаре, ки 1 хатой кардаанд, ғолибро муайян кардем.

Ғолиб, **ШАҲБОЗИ РУСТАМШО**, докторанти соли 2-юми кафедраи забони тоҷикӣ мебошад, ки аз ҳама пештар кроссвордро бо ҷавобҳои дуруст пешниҳод кардааст.

**Ҳар касе, ки ҷавобҳои пешниҳодкардаашро аз назар гузаронидан мехоҳад, ба идораи рӯзнома ташриф оварад ва хатоҳои худро бубинад.**

**Хонандагони азиз! Саросема нашуда, кроссвордро дуруст пур кунед ва насиби мукофот дар ҳаҷми 100 сомонӣ гардед!**

Ранҷидахотир
Аз алаф баланду аз дарахт паст
Ҷавоби салом
Нотавонӣ, сустӣ
Насим, шамол
Пароканда
... Бусли, овозхони машҳури ҳинд
Хизматгорзан
Муқобили қиммат


Далер ...

"Либос"-и зимистон
Пайрави дини қадима
Сарвари донишгоҳ
Маъзарат пурсидан
Заррачаи заряднок
Гирдаи нончаспонӣ ба танӯр
Оби махсус барои мошинҳо
Бемашғулият
Филми кӯҳна бо иштироки Раҷ Капур
Нимҷазираи калон дар Осиё
Гармӣ, ҳарорат
Бинти тиббӣ аз ин матоъ аст
Муқобили «тасдиқ»
Нотаи шашум
Худо
"...-Крузер", тамғаи автомобил
Дарё дар Чин ва Қазоқистон
Шаҳр дар ҷануби Ироқ
... Капур, актёри ҳиндӣ
Шакли кӯтоҳи номи Николай



Чанбараки мошин
Тахти подшоҳон
Воҳиди пули Япония
Тӯби аз майдон берун шуда
Тоату суҷуд
Аз ҳама зиёд СССР-ро роҳбарӣ кард
СНГ
... Девган, актёри ҳиндӣ
«Албиони туманпӯш» бо Лондон
Донишгоҳ дар Англия
Хирадманд, боақл
Феврал ...у ҳашт ё ...у нӯҳ рӯз дорад
Узви сомеа
Ҷонишини шахси дуюми ҷамъ
Хабари даҳон ба даҳон паҳншуда
Чӯби рости дароз
Студияи мултфилмҳои амрикоӣ



Ҳеҷ гоҳ, ҳаргиз
Куртаи занонаи ҳиндӣ
Корти зард дар футбол
Муқобили «лалмӣ»
Гӯштини ҷопонӣ
Намуди варзиши хитоӣ
Илми дину шариат
Рақам дар байни 50 ва 70
Доми моҳидорӣ
Осудагӣ, оромӣ
Ҷамъи мардуми оддӣ
... Деол, актёри ҳиндӣ
Чизеро ба ҷое равон кардан
Автомашина, тамғааш чор ҳалқа
Ҳиссаи нутқ
Дуруштӣ, душворӣ
Вопасин, хотимавӣ
Обрав
СМИ-и русӣ ба тоҷикӣ
Мӯҳраи шатранҷ
Номанавис
Дарахти «қадбаланд»
Санги кӯҳии бағоят сахт
... Грозний, шоҳи Русия
... Файзуллоев, нависанда
Дарди захми сӯхта
Михаил ..., собиқ чемпиони шоҳмот
Матои таги кӯрпача



Шабакаи ТВ
Дарё дар Белорусия
Тифли нав таваллудшуда
Барҳаёт, ҷондор
1000 кило
Рақами якададаи калонтарин
Модар (лаҳҷа)
Ислом, масеҳия, буддоӣ
... Абдуллоева, овозхони ӯзбек
Жюл ..., муаллифи «Капитан Немо»
Реформа
Шабакаи ТВ №1 дар Русия
Раги калони хунгард
Пайванд, вобастагӣ

## ДИҚҚАТ!

**Хонандае, ки сари вақт ва дар муҳлати кӯтоҳ кроссвордро дуруст ва бехато пур карда ба идораи рӯзнома пешниҳод мекунад, бо мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 100 сомонӣ қадрдонӣ карда мешавад.**

*Даст аз тамаъ бидор, ки аз шуми тамаъ,*
*Дар ҳаққи худ дуои гадо мустаҷоб нест.* Соиб



# СУХАНИ МОНДАГОР

*Саъдии ШЕРОЗӢ*



**Душмани заиф, ки дар тоат ояд ва дӯстӣ намояд, мақсудаш ҷуз он нест, ки душмани қавӣ гардад ва гуфтаанд бар дӯстии дӯстон эътимод нест, то ба тамаллуқи (чоплусӣ, хушомадгӯӣ, лаганбардорӣ) душманон чӣ расад ва ҳар ки душмани кӯчакро ҳақир шуморад, бадон монад, ки оташи андакро мӯҳмал (бе аҳамият шумурдан) мегузорад!**

# НОМАИ ИСКАНДАР БА АРАСТУ

НОМАИ ИСКАНДАР БА АРАСТУ

Эй устоди донишманд! Бидон, ки ман дар кишвари Ирон мардуме мебинам хирадмандтар аз дигарон (дигар милал), тезҳуш, дар ҷаҳондорӣ пештоз, бар дигар фармонравоён (бегонагон) гарданфароз. Аз чунин мардумон ҳаросонам, ки мабод бар ман бишӯранд ва кишвар ва ҷаҳондории маро пурошӯб кунанд. Бар он шудам, то ҳамагӣ он мардумро аз дами теғи бедареғ бигзаронам. Устодро дар ин кор чӣ раъй аст?

نامهٔ اسکندر به ارسطو

ای استاد دانشمند! بدان که من در کشور ایران مردمی میبینم خردمندتر از دیگران (دیگر ملل)، تیزهوش، در جهانداری پیشتاز، بر دیگر فرمانروایان (بیگانگان) گردنفراز، از چنین مردمان هراسانم که مبادا بر من بشورند و کشوروجهانداریی مرا پورآشوب کنند. بر آن شدم تا همگی آن مردم را از دم تیغ بیدریغ بگذرانم.استادرا در این کار چه رأی است؟

НОМАИ АРАСТУ ДАР ПОСУХИ ИСКАНДАР

Эй Искандар! Агар ту андешаи куштани мардумони Иронро дорӣ, ин корест, ки метавонӣ бикунӣ, аммо бидон, ки наметавонӣ кишвари Иронро, ки чунин мардумонро дар домони худ мепарваронад, бикушӣ ва ҳаргиз обу ҳавои сарзамини Иронро, ки чунон мардумон ба бор меоварад, дигаргун бисозӣ.

Пас чора ҷуз он нест, ки ба меҳрбонӣ ва некӯкорӣ бар мардуми Ирон фармонравоӣ бикунӣ ва агар чунин бикунӣ, дилҳои мардумони Иронро ба даст оварда ва он мардумонро дӯстдори худ созӣ, подшоҳии ту бар он кишвар пояндатар хоҳад буд.

*Аз китоби "Сиёсат"-и Арасту, нақл дар китоби "Табақот ал-зиё ва ал-ҳукамо"-и ибни Ҷалҷали Анадалусӣ.*

و نامهٔ ارسطو در پاسوخ اسکندر

ای اسکندر! اگر تو اندیشهٔ کشتن مردمان ایران را داری این کاریست که می توانی بکنی، امّا بدان که نمی توانی کشور ایران را که چنین مردمان را در دامان خود می پروراند بکشی و هرگز نمی توانی آب وهوای سرزمین ایران را که چنان مردمان به بار می آورد دگرگون بسازی.

پس چاره جز آن نیست که به مهربانی ونیکوکاری بر مردم ایران فرمانروایی بکونی واگر چنین بکنی دلهای مردمان ایران را به دست آورده وآن مردمان را دوستدارخود سازی پادشاهیی تو بر آن کشور پاینده تر خواهد بود.

*از کتاب "سیاست" ارسطو، نقل در کتاب "طبقات الاطباء والحکماء" ابن جلجل اندلسی*

# МАВЛУД МУБОРАК!

***Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки аз 1-уми феврал то 14-уми феврали солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани нерманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро тамання дороанд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!***

***Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон ҳалолкорӣ пайваста амалӣ гардад.***

1. **РАСУЛОВА НОДИРА**, 1.02.1981, ассистенти кафедраи педагогика;
2. **МУҚИМОВ ОДИНАШО**, 2.02.1961, ассистенти кафедраи забони англисӣ;
3. **ҚАРАХОНОВ АСКАР**, 2.02.1979, посбон;
4. **АЗИМОВ РАҶАБАЛӢ**, 3.02.1960, омӯзгори кафедраи тарбияи ҷисмонӣ;
5. **МИРЗОЕВ ШУҲРАТ**, 3.02.1990, ассистенти кафедраи забони англисӣ;
6. **ҲАЙДАРОВ МУСЛИМ**, 4.02.1986, ассистенти кафедраи психология;
7. **ИБРОҲИМОВ САИДМАҲМУД**, 05.02.1987, корманди осоишгоҳи табобатӣ;
8. **ҶУРАҚУЛОВ БОЗОРАЛӢ**, 5.02.1984, ҷонишини декан оид ба таълими факултаи филологияи хориҷӣ;
9. **БОБОХОНОВ ОЛИМ**, 5.02.1947, посбон;
10. **ҚУРБОНОВ КАРОМАТУЛЛО**, 6.02.1993, ассистенти кафедраи методикаи таълими забони англисӣ;
11. **ҲИКМАТОВ АБДУКАРИМ**, 6.02.1989, ҷонишини декан оид ба тарбияи факултаи омӯзгорӣ;
12. **ФАРЗОНАИ МАДИСЛОМЗОДА**, 7.02.1992, ассистенти кафедраи забони англисӣ;
13. **УСМОНОВ ҶОВИДОН**, 8.02.1995, мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва иттилоотии низоми кредитии таҳсилот;
14. **НАЗАРОВА ҲАНИФАМО**, 8.02.1976, фаррош;
15. **АЛИЕВА БАХТИНИСО**, 10. 02. 1973, муаллими калон, мудири кафедраи забони тоҷикӣ;
16. **КАРИМОВ М.**, 10.02.1962, муаллими калони кафедраи забони ҳозираи рус;
17. **АБДУЛЛО ҲАБИБУЛЛО**, 11.02.1963, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор;
18. **РАСУЛОВ ДАВЛАТМУРОД**, 13.02.1939, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика;
19. **ҒАФОРОВ САТТОР**, 13.02.1949, дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ;
20. **АСОЕВА КОМИЛА**,13.021965, мудири кафедраи адабиёти рус ва хориҷӣ бо МТЗАР;
21. **НАЗРУЛЛОЕВА ЗУЛФИЯ**, 14.02.1984, фаррош;
22. **КАРИМОВ МИРЗО**, 14.02.1962, посбон;

***ЗОДРӮЗ МУБОРАК, ОМӮЗГОРОН ВА КОРМАНДОНИ АЗИЗ!***

# АКСИ РӮЗ



***Ёсуман ҶАҲОНГИРӢ, духтари яке аз омӯзгорони донишгоҳ мебошад ва таассуротašро вобаста ба зимистони имсол чунин ифроз доштааст: «Бовар кнен зиқи ҳаст ки... И зимистон бебарф омад. Зиқм... Камтар барф мeборид, ки бозӣ мекардем, зур мешид. Э Хдоҷон, барфи зиёдро ба мо ато кн, илтимос!»***

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ
АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Сармуҳаррир:
Ҷаҳонгир РУСТАМ

Котиби масъул:
Эраҷ ДАВЛАТОВ

Хабарнигорони ихтиёрӣ:
Самариддин НАБИЕВ
Гулафзо ДАВЛАТОВА

Мушовирон:
Абдулло Ҳабибулло (профессор),
С.К. Каримов (академик),
М.О. Ибодов (профессор),
Ҷумъахон Алимӣ (профессор),
С.С. Холиқов (н.и.к.),
Ш.З. Худойдодова (н.и.ф.),
Д.Л. Сайдаҳмадова (н.и.п),
М.Х. Абдуллоев (профессор),
С.С Мирзоев (профессор),
Б. Ҷӯраев (м.к.)

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Саҳифабанд:
Баҳриддин САНГИМАДОВ

Рӯзнома дар ҶДДМ "Мега-принт" ба табъ расидааст.
Адади нашр 4000

Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

Нишонӣ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj

Телефон:
Корӣ: (83322) 3- 31- 15
Мобилӣ: 918-13-99-68; 985 87 80 60